# ИДИ ҒАЛАБА МУБОРАК!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 6-7 (60-61) 9-УМИ МАЙИ СОЛИ 2017, СЕШАНБЕ

## Дар ин шумора:

ТАҚСИМОТИ ДАВЛАТИИ МУТАХАССИСОНИ ҶАВОН Саҳ. 2

ҶАЛАСАИ ПАДАРУ МОДАРОН Саҳ. 3

ЮРИДИЧЕСКИЕ ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ Саҳ. 5

ПАЁМ – ТАҶАССУМГАРИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ Саҳ. 6

ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ХИЗМАТ БА ХАЛҚУ ВАТАН АСТ! Саҳ. 7

ПЕШНИҲОД БА КОДЕКСИ МАНЗИЛ Саҳ. 13



72-юмин солгарди ин санаи таърихиро ба ҳамаи собиқадорони ҷангу меҳнат, ки дар набардҳои шадиди ин ҷанг мардонавор ширкат карда, барои таъмин намудани пирӯзӣ бар фашизм саҳми арзанда гузоштаанд, инчунин, ба тамоми мардуми сулҳхоҳи кишвари маҳбубамон самимона табрик мегӯям ва ба ҳар хонадони мамлакат фазои ором осуда, хонаи ободу ва ба Тоҷикистони азизамон сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу менамоям.

Маҳз дар натиҷаи муборизаи фидокоронаву қаҳрамонаи халқҳо оташи ҷанги даҳшатнок хомӯш ва озодии мардумони сайёра таъмин карда шуд.

Ин ғалабаи бузург натиҷаи дӯстии халқҳо, муборизаи дастаҷамъона ва намунаи олии ватандӯстии халқу миллатҳои гуногун барои ҳимояи Ватан ва озодӣ мебошад.

Ин санаи дар ҳақиқат таърихӣ на танҳо барои собиқадорони ҷанг ва калонсолон, балки барои наслҳои имрӯза низ гиромиву муқаддас мебошад, чунки он рамзи ватандӯстиву фидокорӣ ва шуҷоату мардонагии падару бобоёни мо барои ҳифзи марзу буми Ватан ва истиқлолу озодӣ ба шумор меравад.

Пос доштани хотираи неки фарзандони шуҷои Ватан, ки барои зиндагии осудаи наслҳо ҷонбозӣ кардаанд ва собиқадорони меҳнат, ки дар ақибгоҳ шабу рӯз заҳмат кашидаанд, вазифаи муқаддас ва қарзи виҷдонии ҳар як фарди ҷомеа мебошад.

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи ғалаба бар фашизм ҷаҳониёнро бори дигар водор месозад, ки доир ба таҳкими муносибатҳои дӯстона, ҳамгироиву ҳамкорӣ ва тақвияти равобити халқу давлатҳо ҳамчун шарти асосии ҳифзи сулҳу субот, бунёди рӯзгори ороми осудаи мардуми сайёра ва омили муҳимтарини муборизаи муштарак бар зидди нерӯҳои бадхоҳ саъю талош намоянд.

Маслиҳатҳои муфиду насиҳатҳои падарона, кору пайкор ва зиндагиву фаъолияти собиқадорони ҷангу меҳнат баъди гузашти 72 сол ҳам ба наслҳои ҷавон дар бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва пешрафта ҳамеша роҳнамои зиндагиву фаъолият мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Муассис:
факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир
САЪДИЗОДА
jahon_1967@mail.ru

Муовини сармуҳаррир:
Исмоил ШАРИФЗОДА
Муҳаррир:
Бобоҷон НАИМЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
**Раҳмон Д.С.**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Камолзода И. И.**
дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
**Сулаймонов Ф. С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
**Ватанзода М. М.**
ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
**Саид Нуриддин Саид**
вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;
**Имомзода М. С.**
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
**Тоҳиров Ф. Т.**
академики АИ ҶТ;
**Маҳмудзода М. А.**
раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.**
директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор;
**Диноршоев М.**
академики АИ ҶТ;
**Насриддинзода Э. С.**
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/ра аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 900-55-51-67. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Исмоил Шарифзода

# ТАҚСИМОТИ ДАВЛАТИИ
## МУТАХАССИСОНИ ҶАВОН ДАР ФАКУЛТЕТ





Санаи 28-уми апрели соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки васеи намояндагони мақомоти давлатӣ тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавон баргузор гардид. Дар ҷамъомади мазкур намояндагони Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии ҶТ, Прокуратураи Генералии ҶТ, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, нақлиёт, корҳои дохилии ҶТ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ, Агенти омори назди Президенти ҶТ, Кумитаҳои телевизион ва радио, андоз, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, зан ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, БДА ҶТ «Амонатбонк», Ширкати «Сомон-Эйр», институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ ва дигарон иштирок намуданд.

Ҷаласаро бо сухани ифтитоҳӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, таъкид намуд, ки дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ бо назардошти омилҳои гуногун зарурияти омода намудани ҳуқуқшиносони насли муосир, ки ҳаматарафа аз донишҳои ҳуқуқӣ бархурдор буда, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, пос доштани арзишу суннатҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат, гиромидошти тамомияти арзӣ ва якпорчагии Тоҷикистон тарбия ёфтаанд, ба миён меояд. Ҳуқуқшиносони насли муосир бояд нафароне бошанд, ки ҷиҳати таъмини адолат, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини амният дар кишвар ҷидду ҷаҳд дошта бошанд. Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пойгоҳи асосии омода намудани кадрҳои ҳуқуқшинос дар кишвар ба ҳисоб рафта, дар роҳи расидан ба ин ҳадафҳо пайваста талош менамояд.

Имрӯз таъмини мақомоти давлатӣ бо кадрҳои ҷавони баландихтисос ва ҷавобгӯи талаботи замони муосир дар маркази сиёсати хирадмандонаи пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ин рӯ, аз ҳамаи намояндагони ниҳодҳои давлатӣ даъват ба амал оварда шуд, ки аз фурсати мусоид истифода намуда, кадрҳои тахассусмандро интихоб намоянд.



Сипас, хатмкунандагони факултет, ки номзад ба гирифтани дипломи аълочӣ ҳастанд ва тӯли 5 сол дар гурӯҳи бучавии донишгоҳ таҳсил намудаанд, ба ҳозирин муаррифӣ карда шуд. Хурсандибахш аст, ки ҳамаи ҳозиромадагон кадрҳои дилхоҳи худро пайдо намуда, интихоб карданд.

Дар маҷмӯъ иштирокчиён дар соли 2017 – Соли ҷавонон баргузор гардидани тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавонро иқдоми неке дар роҳи таъмини мақомоти давлатӣ бо кадрҳои лаёқатманд ҳисобида, аз ин ташаббуси факултет, ки ҳамасола роҳандозӣ мегардад, истиқбол намуданд.

Ҳайати омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сиёсати созанда ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бобати омода намудани мутахассисони забондону кордон ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, тамоми саъю талоши худро ба ин самт равона намудаанд. Пешвои миллат зимни суханрониашон дар нахустин таҷлили «Рӯзи кормандони дипломатӣ» санаи 29-уми сентябри соли 2016 ба маврид қайд намуда буданд, ки айни замон дар самти омода кардани кадрҳои дорои сатҳи баланди касбӣ, донандагони забонҳои хориҷӣ ва лоиқу кордон, ки аз умдатарин масоили ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои байналмилалӣ бархӯрдоранд, бояд саъю талош намоем. Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои пайвастаи Пешвои миллат дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ (ҳуқуқ) таъсис дода шуд, ки дар он тамоми дарсҳо бо забони англисӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон дар факултет ба хотири рушди забондонии донишҷӯён омӯзиши забонҳои русӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, арабӣ ва хитоӣ ба роҳ монда шудааст, ки донишҷӯён бо интихоби худ дар назди омӯзгорони соҳибтаҷриба ба забономӯзӣ фаро гирифта мешаванд.



Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба роҳбарони сохторҳое, ки дар тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавон иштироки намояндагони худро таъмин намуданд ва ба дастпарварони факултет таваҷҷуҳ зоҳир карданд, изҳори ташаккур менамояд.

**P.S.: Ба таваҷҷуҳи хатмкунандагоне, ки дар натиҷаи тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавон соҳиби роҳхат нагардиданд ё ин ки вазифаҳои пешниҳодшударо интихоб накарданд, расонида мешавад, ки онҳо бояд рӯҳафтода нашаванд. Хатмкунандагони мо имкон доранд, аз тариқи озмун, ки имрӯзҳо дар ҳамаи мақомоти давлатӣ ҳангоми қабул ба кор роҳандозӣ мешавад, соҳиби пешаи дӯстдоштаи худ гарданд.**



**Масъул:**
**Ҳуснуддин САИДЗОДА**



# ҶАЛАСАИ ПАДАРУ МОДАРОН ДАР ФАКУЛТЕТ

Санаҳои 8-ум, 15-ум, 22-юм ва 29-уми апрели соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷаласаи падару модарони донишҷӯёни курсҳои 4, 3, 2 ва 1-уми шуъбаи рӯзонаи умумӣ, гурӯҳҳои низоми таҳсилоти кредитӣ ва муносибати байналхалқӣ (ҳуқуқ) баргузор гардид. Ҳадаф аз баргузории ҷаласаҳои мазкур, агар аз як ҷониб бахри иҷрои талаботи Қонуни ЧТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд" ва нақша-чорабиниҳои бахши тарбияи факултет равона шуда бошад, аз ҷониби дигар ба хотири ташкили ҳамкории мутақобилаи волидайн бо муассисаи таълимӣ ҷиҳати назорати ҳамаҷонибаи интизом ва таълими донишҷӯён нигаронида шудааст. Декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. зимни суханрониҳои худ дар қисмати ифтитоҳии ин ҳамоишҳо ба беэътиноии баъзе аз волидайни донишҷӯён нисбат ба таълиму тарбияи фарзандонашон ишора намуда, таъкид доштанд, ки дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ бо назардошти омилҳои гуногун зарурияти омода намудани ҳуқуқшиносони насли муосир, ки ҳаматарафа аз донишҳои ҳуқуқӣ бархурдор бошанд ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, пос доштани арзишу суннатҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат, гиромидошти тамомияти арзӣ ва якпорчагии Тоҷикистон тарбия ёфтаанд, ба миён меояд. Ҳуқуқшиносони насли муосир бояд нафароне бошанд, ки ҷиҳати таъмини адолат, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини амнияти дар кишвар ҷидду ҷаҳд дошта бошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ЧТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаашон ба Маҷлиси Олии ЧТ ишора ба ҷавонон намуда, чунин иброз доштанд: «Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд». Бо дарназардошти ин ва ҳамчун эътимод ба ин насли кишвар Пешвои миллат соли 2017-ро Соли ҷавонон эълон намуданд.





Бахри ноил шудан ба ҳадафҳои соли мазкур, омӯзгорони факултет кӯшиш менамоянд, ки дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия намудани ҷавонони лаёқатманду ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат беш аз пеш саъю талош намоянд.

Ҳамзамон зимни ҷаласаҳо муовинони декан оид ба тарбия дар шуъбаи рӯзонаи умумӣ Қурбонализода Н.Ш., Саидов И.И. ва низоми таҳсилоти кредитӣ ва муносибати байналхалқӣ (ҳуқуқ) Шарифзода И.М. падару модарони донишҷӯёнро хайрамақдам гуфтанд. Онҳо ба ҳозирин дар хусуси вазъи кунуни ҳаёти таълимӣ ва риояи қоидаҳои тартиботи дохилӣ ахбор манзур доштанд. Аз ҷумла, таъкид намуданд, ки боло бардоштани сатҳу сифати дониши донишҷӯён ва сифати таълиму тарбия яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти факултет ба ҳисоб рафта, ҳайати профессорону омӯзгорони ин муассисаи таълимӣ тамому кӯшишу фаъолияти хешро бахри ноил гаштан ба ин ҳадафҳои нек равона кардаанд. Ҳамзамон волидайнро ба мазмуну моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зерқонунии танзимкунандаи паҳлуҳои гуногуни фаъолияти донишҷӯ шинос намуда, аз онҳо даъват ба амал оварданд, ки дар боби назорати рафтору одоби фарзандонашон бо дарки масъулияти баланд муносибат намоянд.

Инчунин аз ҷониби муовинони декан оид ба тарбия дар шуъбаҳои дахлдор вазъи иштироки донишҷӯёни ихтисосҳои зикршуда ба дарс, шурӯъ аз оғози моҳи феврал то кунун, асосҳои ҳуқуқии ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани донишҷӯён бо истифода аз слайдҳо маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчунин шароит фароҳам овардааст, ки падару модарони донишҷӯёне, ки дар шаҳру ноҳияҳои дурдасттарини кишвар истиқомат менамоянд бо тариқи телефонӣ ва суроғаи электронии факултет (law.tnu.tj@mail.ru) аз аҳволи фарзандони худ бохабар бошанд.

# ҲАФТАИ ИЛМ ДАР ФАКУЛТЕТ

Аз 20 то 27 апрели соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносӣ Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯён бахшида ба «20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон» баргузор гардид.





Дар конференсияи имсола масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқӣ, ба монанди инкишофи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ дар давраи истиқлолият, паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ, ташаккулёбии мақомоти давлатӣ дар ЧТ, масъалаҳои коллизионии моликияти созмонҳои байналмилалӣ, масоили гузаронидани амалҳои аввалиндараҷаи тафтишӣ, проблемаҳои танзими ҳуқуқии ҳалли баҳсҳои замин, мушкилоти ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоӣ-фарҳангӣ, таҳлили намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, назорати прокурорӣ оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, хусусиятҳои хоси тарҷумаи истилоҳотҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо баррасӣ карда шудаанд.



Устодон, аспирантон ва унвонҷӯёни кафедраҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, забонҳои хориҷӣ, криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ пахлуҳои гуногун ва рӯзмарраи мавзӯъҳои вобаста ба кафедраашонро мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор доданд.

Ҳамзамон ҳафтаи илм миёни донишҷӯён низ хеле самарабахш ва ҷолиб сурат гирифт. Донишҷӯёни курсҳои 1-5 факултет дар доираи маҳфилҳои илмии назди кафедраҳо зери роҳбарии устодон бо маърӯзаҳо баромад намуда, мавзӯъҳои мубрами ҳуқуқиро шарҳу тавзеҳ доданд.

Дар ҷамъбаст, аз миёни маърӯзаҳои беҳтарин номи якчанд устодону донишҷӯён барои ифтихорнома ва қадрдонӣ ба раёсати ДМТ пешниҳод карда шуд. Ҳамзамон донишҷӯёне, ки маърӯзаҳояш аз ҷониби устодон баҳои хуб гирифт, китобҳои тозанашри кафедраҳо тақдим карда шуд.



Масъул: Исмоил ШАРИФЗОДА

## ТАЪСИСИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР НАЗДИ ДМТ!

Садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иттилоъ медиҳад, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 27.04.2017 таҳти № 16 дар назди ДМТ шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисосҳои 6D030100-Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200-Ҳуқуқи байналмилалӣ, 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ таъсис дода шуд.

Дар пайванди ба ин масъала, садорат, ҳайати профессорону омӯзгорони факултет таъсиси шӯрои диссертатсионии мазкурро дар назди ДМТ бо хушнудӣ пазироӣ намуда, умед доранд, ки ин иқдом аз ҳар ҷиҳат муфид буда, дар самти омода кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ мусоидат хоҳад кард.

# МУЛОҚОТ БО ХАТМКУНАНДАГОНИ СОЛИ 2017

**Санаи 15-уми апрели соли равон, дар асоси нақша-чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори «Стратегияи миллии муқовимат бо коррупсия дар ҶТ барои солҳои 2013-2020» вохӯрӣ бо донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ, ки соли ҷорӣ донишгоҳро хатм мекунанд, баргузор гардид.**





Боиси хушнудист, ки дар кори ҷаласа муовини сардори раёсати пешгирии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ Турсунзода Шодком, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва тамоми донишҷӯёни соли 5-уми факултет, ки имсол донишгоҳро хатм мекунанд, иштирок намуданд. Кори ҷаласа бо оғозсухани декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. ифтитоҳ ёфта, сипас суханронии намояндаи агентӣ шунида шуд.

Зимни ироаи сухани ифтитоҳии хеш декани факултети ҳуқуқшиносӣ Раҳмон Д.С. ҳузури муборакиҳамаи иштирокчиёнро ба кори ҷаласа хайру мақдам гуфта, ба Раёсати ДМТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ барои мусоидат, дастгирӣ ва ташкил намудани чунин як чорабинии сатҳи баланд изҳори сипос намуд. Ҳамзамон мавсуф зикр намуд, ки коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллии як қатор давлатҳо ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии онҳо эътироф гаштааст. Бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, доктринаи миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ташаккул дода шуд. Дарёфти роҳи пурсамар ва такмилёфта дар самти мубориза бо муқобили коррупсия ба болоравии обру ва нуфузи давлат ва мақомотҳои он мусоидат менамояд. Ҳамаи мо бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, то бо ин вабои ҷомеа мубориза беамон бурда, саҳми арзандаи худро дар пешгирии коррупсия гузорем.

Баъдан вобаста ба тартиби қабули имтиҳони давлатӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ дахл намуда иброз доштанд, ки ҷараёни ин чорабинии муҳим бояд шаффоф ва одилона сурат гирад. Аз ин рӯ, хатмкунандагонро зарур аст, ки ба имтиҳони давлатӣ тайёрии ҷиддӣ дида, бо дониши баланд ба он ҳозир шаванд. Барои муташаккилона баргузор намудани имтиҳоноти давлатӣ садорати факултет тамоми чорабиниҳоро амалӣ сохта истодааст. Аз ҷумла, тамоми саволномаҳои имтиҳоноти давлатӣ дар тахтаҳои эълонҳои назди кафедраҳои факултет ҷойгир карда шуда, хатмкунандагон метавонанд озодона аз онҳо истифода намоянд. Ба ғайр аз ин, пеш аз оғози имтиҳоноти давлатӣ лексияҳои машваратӣ пешбинӣ гардидааст, ки дар онҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни фанҳои имтиҳонӣ суолу ҷавоб аз ҷониби устодони факултет баргузор мегардад. Дар баробари ин, хатмкунандагонро зарур аст, ки саривақт мутобиқи реҷаи муқарраршуда ба имтиҳоноти давлатӣ ҳозир шуда, ба амалҳои фасод дар ин замина даст назананд.

Дар баромади худ намояндаи агентӣ Турсунзода Шодком миннатдорӣ ва самимияти бепоёни хешро ҷиҳати ташкил ва баргузории чунин як чорабинии муҳим иброз намуда, таъкид карданд, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ изҳор намуданд, ки коррупсия ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад, ба рушди демократия таъсири манфӣ дорад. Гузашта аз ин коррупсия дар ҷомеа ба риоя нашудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон замина фароҳам меорад ва ба пояи ахлоқ зарба мезанад. Пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар оянда низ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии давлат боқӣ мемонад.

Мавсуф аз оқибатҳои ногувори коррупсия мисолҳои мушаххас оварда, қайд намуд, ки коррупсия ба монанди терроризм ва экстремизм ба ҷомеаи мо хатарафзо гаштааст. Таъкид карда шуда, ки хатмкунандагони факултети ҳуқуқшиносӣ дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ кору фаъолияти софдилона намуда, дар ташаккули давлатдории соҳибистиқлоли Тоҷикистон саҳми бориз мегузоранд. Хатмкунандагони имрӯза бояд чун пешгузаштагони касби ҳуқуқшиносӣ таъминкунандаи адолат, озодӣ, баробарӣ ва поквиҷдонӣ буда, даст ба содир намудани амалҳои коррупсионӣ назананд.

Зимни музокираҳо табодули афкори судманди иштирокчиён сурат гирифт. Дар фарҷом изҳори умед карда шуд, ки хатмкунандагони имсолаи факултети ҳуқуқшиносӣ бо як сари баланд имтиҳоноти давлатиро супорида, чун фарзанди баору номуси ин миллату давлат барои рушди кишвари азизамон саҳмгузор мегарданд.



**Масъул: Иззатулло МАҲМУДОВ**



Иванова Татьяна ВЛАДИМИРОВНА
доцент кафедры русского языка и культуры ФГБОУ ВО «Саратовская государственная юридическая академия»

# ЮРИДИЧЕСКИЕ ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ



Некруз САФАРЗОДА
студент 4-го курса ФГБОУ ВО «Саратовская государственная юридическая академия»

Фразеологизмы – это устойчивые выразительные сочетания слов с переносным значением: как снег на голову, опустить руки, родился в рубашке и т.д. Как в русском, так и таджикском языке они помогают более точно и ярко выразить какую-либо мысль, описать особенности душевного состояния человека, его поступки, действия, отношение к миру, придают речи выразительность и эмоциональность, в литературе служат средством речевой характеристики персонажа. Таким образом, они способны выполнять коммуникативную и эмоционально-оценочные функции.

Фразеологизмы складываются и в профессиональной, например в юридической речи. Исследователи (С.С. Щепкин) считают, что особенности юридических фразеологизмов не могут быть раскрыты без дифференцированного подхода к ним и, в частности, без выделения таких их видов, как общие, неюридические и специально-юридические.

Общие – это широко распространенные фразеологизмы, которые используются в художественной и в научной литературе, бытовой речи, в юриспруденции. Можно сказать, что они объединены «юридической тематикой». В юридической речи их употребление возможно только в том значении, которое они имеют и в литературном языке. Таковы, например, фразеологизмы спрятать концы в воду – скрыть следы преступления; быть вне закона – не иметь никаких гарантий; круговая порука – взаимная поддержка, обязательства внутри какой-то группы людей в отношении друг друга; жить на птичьих правах – незаконно; волчий закон – полное несоблюдение норм, принятых в цивилизованном обществе.

Есть и другие фразеологизмы, относящиеся к разряду общих, например: ҷойи заиф (больное место, т.е. проблемная ситуация, требующая своего разрешения).

Неюридические фразеологизмы – это фразеологизмы, используемые в различных областях науки, техники и искусстве: поставить на ноги – вылечить, вырастить; бычье сердце – увеличение сердца до больших размеров. Такие фразеологизмы употребляются в том значении, которое закреплено за ними в соответствующей отрасли знания. В русском и таджикском языках можно найти идентичные в плане образа и значения фразеологизмы. Например, русскому фразеологизму вооруженный до зубов (очень хорошо снабженный оружием, инструментами или знаниями) соответствует фразеологизм из таджикского языка то дандон мусаллаҳ, имеющий значение «один человек (солдат на войне или охотник в лесу), очень хорошо вооруженный».

Можно привести и примеры таких русских и таджикских фразеологизмов, в которых компоненты и образы совпадают, но значение разное. Так русскому фразеологизму одним глазом соответствует в таджикском языке фразеологизм як нигоҳ. В них совпадают компоненты – один глаз; образы – как если бы кто-то смотрел одним глазом на что-нибудь. Но в русском языке фразеологизм имеет значение «обратить внимание на что-нибудь, не вникая глубоко в суть», а в таджикском языке с помощью данного образа характеризуют человека, который очень справедлив и всем помогает, ко всем добр одинаково, несмотря на то, бедный ли перед ним человек или богатый, хороший или плохой. Таким образом, русский фразеологизм характеризует деятельность (как человек делает что-либо), а таджикский описывает поведение, характер, нрав человека.

> **«Так русскому фразеологизму одним глазом соответствует в таджикском языке фразеологизм «як нигоҳ». В них совпадают компоненты – один глаз; образы – как если бы кто-то смотрел одним глазом на что-нибудь. Но в русском языке фразеологизм имеет значение «обратить внимание на что-нибудь, не вникая глубоко в суть», а в таджикском языке...»**

Специально-юридические – это фразеологизмы, которые употребляются в сфере юриспруденции. Их не так много, они обозначают понятия и категории, существующие в области права. Например, вступать в действие (становиться законным: Этот закон вступает в действие через полгода после его принятия); брать под стражу – арестовывать, задерживать.

Больше распространены фразеологические выражения (термин Н.М. Шанского), т.е. высказывания коммуникативного типа, которые охватывают крылатые выражения (афоризмы), пословицы и др. Многие из них представляют собой заимствования из римского права и иных развитых правовых систем: закон суров, но это закон, разделяй и властвуй, торопить правосудие – значит призывать несчастье и др. В таджикском языке также используются подобные фразеологические выражения. Например, як шоҳид, шоҳид нест – «один свидетель не свидетель»), аз нуқтаи назари қонун – с точки зрения закона и др.

В русском языке можно обозначить отдельные случаи перехода общих фразеологизмов в разряд юридических. Например, фразеологизм молчание знак согласия в юридической речи преобразуется в молчание равносильно признанию. В таджикском хомуши аломати ризост – в семейных отношениях.

Отметим, что основу юридических документов, законов и иных нормативно-правовых актов составляют книжные фразеологизмы, имеющие терминологическое значение. Такие устойчивые сочетания в равной мере характеризуют русский и таджикский языки. В русском языке это презумпция невиновности, предварительный сговор, свидетельский иммунитет, силовые структуры, совершить правонарушение. В таджикском к устойчивым терминологическим сочетаниям относятся ҷамъияти пинҳонӣ – тайное общество, бозори озод – свободный рынок, бесарунгии нишондод – сбивчивость показаний и др.

Приведенные в качестве примеров фразеологизмы принадлежат языку профессиональной коммуникации, используются для обозначения объектов и понятий юридической деятельности. Книжным фразеологизмам свойственна высокая степень стандартизации, они лишены образности. Однако в таджикском языке есть юридическое фразеологизмы, которые используются в качестве терминов, но им вполне присуща образность. Например, сарқонун (основной закон или Конституция) дословно переводится как «голова закона» (сар – голова, конун – закон), доги суди (судимость) в основе содержится образ дог, то есть «шрам», слово суди переводится как «судейский».

Таким образом, в разных языках встречаются фразеологические единицы, похожие в структурном, семантическом и образном плане. Это вызвано общностью жизненных условий и ситуаций, мышления, критериев законности, человеческих понятий и отношений.

## АЗ РЕДАКСИЯ:

**Таърихи 20-21 апрели соли 2017 дар Академияи давлатии ҳуқуқи Саратови Федератсияи Россия Фестивали байналмилалии илми ҳуқуқ баргузор гардид. Дар кори Фестивал, ки ба 60 бахш тақсим шуда буд, зиёда аз 500 нафар донишҷӯён, магистрантон ва аспирантон аз донишгоҳу донишкадаҳои олии кишварҳои Аврупову Африқо ва ИДМ иштирок намуда, доир ба паҳлуҳои гуногуни илми ҳуқуқ фикру ақида ва пешниҳодҳои илмии худро манзури ҳайати ҳакамон ва иштирокдорони чорабинӣ гардониданд.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Фестивали мазкур донишҷӯи соли 4-уми ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ (ҳуқуқ)-и факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Сафарзода Некрӯз Файзӣ, ки айни замон мувофиқи шартномаи байнидонишгоҳӣ ба муҳлати як сол ба Академияи давлатии ҳуқуқи Саратови Федератсияи Россия интиқол ёфтааст, муаррифӣ намуд. Ӯ дар бахши «Фарҳанги муоширати ҳуқуқшинос», таҳти мавзӯи «Фразеологизмҳои ҳуқуқӣ дар забони русӣ ва тоҷикӣ» баромад намуда, дар ҷамъбасти Фестивал аз тарафи ҳакамон бо зинаи сеюми ифтихорӣ сарфароз гардонида шуд. Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ва садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ин дастоварди дастпарвари факултетро ба кулли устодону донишҷӯён табрик гуфта, ба Сафарзода Н.Ф. фатҳи қуллаҳои баланди илмро орзу менамоянд.**

# ПАЁМ – ТАҶАССУМГАРИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ



**Маҳмадёр РАҶАБОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

Дар Паёми имсолаи Президенти ҶТ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ ҳаёти 25 - солаи кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки аслан давраи пуршарафу таърихӣ арзёбӣ мегардад, баррасӣ шуд.

Муҳимтарин дастоварди ин давраи таърихӣ барои халқи тоҷик таҳкими пояҳои Истиқлолияту ваҳдати миллӣ мебошад. Воқеан, қаламрави сепорчаи Тоҷикистон дар замони Истиқлолият ба як кишвари воҳид тадбил ёфт. Дар Паём ҳамчун неъмати бузурги миллат, ки ҳифз кардани он чун гавҳараки чашм арзёбӣ шудааст, ин озодиву Истиқлолияти давлат мебошад. Дар ин радиф ҷанги шаҳрвандӣ ва фоҷиаи бародаркуш дуруст баҳогузорӣ гардида, зикр гардид, ки беш аз даҳ соли Истиқлолияти давлатӣ бахри бартараф сохтани оқибатҳои ин ҷанги таҳмилӣ сарф шудааст. Хушбахтона бо саъю талошҳои бемисли Пешвои миллат ва халқи сарбаланди тоҷик ҷанги шаҳрвандӣ тариқи гуфтушунид хотима бахшида шуд, ки ин дастоварди нодиртарини миллат дар даврони Истиқлолият мебошад. Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ин таҷрибаи сулҳоварии тоҷикон эътироф шуда, ба мактаби омӯзиш табдил гардид.

Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ заминаи асосиро дар таҳкими нуфузи байналмилалии ҶТ гузошт, ки дар натиҷа беш аз 151 кишвари ҷаҳон онро ба расмият шинохт, ба 126-тои он муносибати дипломатӣ барқарор гардид, инчунин Тоҷикистон узви 51 созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ гардид. Беш аз 350 санади ҳуқуқи байналмилалии бисёртарафа ва беш 1200 санади ҳуқуқи байналмилалии дутарафаро ҶТ ба имзо расонидааст, ки ин аз натиҷаи истиқлолият гувоҳӣ медиҳад. Давлати Тоҷикистон муаллифи чор ташаббуси бузург дар соҳаи об, аз ҷумла «Соли байналмилалии оби тоза – 2003», «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мебошад, ки имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта ва амалӣ шуда истодааст. Лозим ба ёдоварист, ки як қатор пешниҳодҳои арзишманди Пешвои миллат, аз ҷумла муосидат ба ҳалли мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, ҳаллу фасли муқовимати шаҳрвандӣ тариқи гуфтушунид ва ғайра аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамовозӣ ва дастгирӣ пайдо намуданд. Махсусан, муваффақиятҳои сиёсати хориҷии ҶТ дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО назаррас мебошанд, ки дар натиҷа соли 2002 пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе ба ҳайси «Шаҳри сулҳ» сазовори ҷоизаи ЮНЕСКО гардид, соли 2003 «Шашмақом» ҳамчун мусиқии Тоҷикистон ва Узбекистон ба ҳайси шоҳкориҳои шифоҳӣ ва фарҳангии мероси ғайримоддии башарият ба феҳристи ЮНЕСКО ворид карда шуд, соли 2010 шаҳраки қадимаи «Саразм» ба феҳристи мусавваҳоти мероси фарҳангии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардид, ҷашнҳои 3000-солагии Ҳисор, 700-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ ба феҳристи ҷашнҳое, ки бо иштироки ЮНЕСКО дар солҳои 2014-2015 таҷлил шудаанд, ворид гардиданд. Дар баробари ин Тоҷикистон бунёдгузории форматҳои нави муколама дар доираи кишварҳои форсизабонон (сегонаи Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон) ва кишварҳои «Чаҳоргонаи Душанбе» (Тоҷикистон, Россия, Афғонистон, Покистон) мебошад, ки дар сатҳи байналмилалӣ пазируфта шудаанд.

Дар тӯли 25 соли Истиқлолияти давлатӣ тамоми талошҳо бахри иҷрои се ҳадафи стратегии миллӣ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ пешбинӣ шудааст. Танҳо бахри таъмини истиқлолияти энергетикӣ бо маблағи беш аз 36 миллиард сомонӣ иншоотҳои хурду бузурги муҳим оид ба истеҳсолу интиқоли барқ сохта ба истифода дода шуд. Новобаста аз мушкилиҳо дар фасли сардӣ, Ҳукумати ҶТ муваффақ шуд, ки аз январи соли 2017 дар саросари кишвар баркро пурра ба сокинони ҷумҳурӣ таъмин намояд.

Бахри аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар, Ҳукумати ҶТ дар замони истиқлолият беш аз 2000 км роҳи мошингард, 190 км роҳи оҳан ва зиёда аз 30 км нақбҳои мошингузар ба маблағи умумӣ 11,4 миллиард сомонӣ мавриди истифода қарор дод, ки рафтуомади доимии нақлиёти мусофиркашу боркаш байни минтақаҳои гуногуни кишвар ва давлатҳои ҳамсояро таъмин гардид.

Ҳадафи дигари стратегии миллӣ ин таъмини амнияти озуқавории кишвар мебошад, ки дар ин бахш Ҳукумати ҶТ тибқи барномаи рушди боғу токпарварӣ, майдони боғу токзори мамлакатро ба 180 ҳазор гектар расонид ва дар соли 2016 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба як миллиону 400 ҳазор тонна, картошка ба 890 ҳазор тонна ва сабзавот ба як миллиону 670 ҳазор тонна расонида шуда.

Дар баробари ин дар Паём ба як қатор камбудиҳо ва муаммоҳо ва бартараф кардани онҳо таваҷҷуҳ гардид, аз ҷумла ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набудани назорати фаъолияти бонкҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, таъмини воридоти технологияҳои инноватсионӣ, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ бо таҷдиди воситаҳои истеҳсолот, баланд бардоштани самаранокии соҳаи коркарди ашёи хом, андешидани тадбирҳои зарурӣ аз ҷониби Вазорати нақлиёти кишвар дар бахши кушодани хатсайрҳои нави ҳавоӣ ва таъмиру таҷдиди фурудгоҳҳои байналмилалӣ, роҳи оҳан, андешидани тадбирҳои самаранок дар бахши ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва монанди ин масъалаҳо.

Ҳамин тариқ, Паёми Президенти ҶТ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ бо назардошт ва манфиатҳои миллию давлатӣ ва арзишҳои халқи Тоҷикистон ироа шудааст, ки бо таҳлилу фарогирии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа дар тӯли 25 соли Истиқлолияти давлатӣ буда, барои мардуми Тоҷикистон роҳнамоии рушду пешрафт мебошад.

# ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОӢ – ДОҒИ ҶОМЕА!

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI инсоният ба хатари ҷиддие мисли ифротгароӣ ва терроризм рӯ ба рӯ шуд, ки ба бақои оламу одам таҳдид мекунад.

Имрӯзҳо хатари терроризм ва ифротгароӣ дар авҷи болоравист ва ин аҳли ҷомеаи солими тамоми сайёра, аз он ҷумла Тоҷикистону тоҷикистониёнро низ бетараф гузошта наметавонад. Боиси таассуф аст, ки ҷавонон имрӯзҳо аз сабаби дониши мукаммал ва саводи кофӣ надоштан худро ба доми терроризм ва ифротгароӣ андохта истодаанд.

Ба ин гуна ташкилотҳо шомил шудани одамон сабабҳои зиёде дорад, ки аз миёни онҳо маъмултарашон инҳоянд:

- надоштани маълумот оид ба ифротгароӣ ва терроризм;
- ҳисси молу сарват (пулпарастӣ);
- надоштани ҳисси ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ дар ниҳоди худ;
- надоштани ҳисси эҳтиром ва дӯстдорӣ нисбати оила ва наздикони худ.

Албатта, онҳое, ки мегӯянд, ифротгароӣ ва терроризм падидаҳое мебошанд, ки инсониятро дар тамоми тӯли таърих ҳамроҳӣ намудаанд, беасос нест. Решаҳои онҳо хеле чуқур мебошанд. Ҳоло касе гуфта наметавонад, ки якумин амалиёти террористӣ кай, дар куҷо ва бо кадом мақсад сар задааст.

Дар давраҳои қадим, асрҳои миёна ва давраи нав ҳам одамони алоҳида ва ҳам гурӯҳҳои муташаккили сиёсиву мазҳабие буданд, ки ба воситаи тарсонидану даҳшатофаринӣ мехостанд мақсадҳои худро ба дигарон бор кунанд, зимни ин одамони бегуноҳ қурбон мешуданд.

Зуҳури ифротгароии сиёсӣ, қавмӣ, мазҳабӣ ва ғайра падидаҳои бисёр ҷиддӣ ва дар айни замон нигаронкунанда барои давлат ва тамоми ҷомеа мебошад.

Дар охири асри гузашта ва ибтидои ҳазораи нав амалҳои ифротгароӣ ва террористӣ бештар характери сиёсӣ гирифтанд, доираи фаъолияти террористон хеле васеъ гардид. Бо инкишофи техника ва технологияи нав шаклу намудҳои нави террористӣ ба вуҷуд омаданд, ки аз рӯи иқтидори харобиовариашон ба амалиёти калони ҷангӣ шабоҳат доранд.

Имрӯзҳо ин масоили доғи рӯз мисли зарпечак байни шаҳрвандон реша давонда истодааст. Рӯз аз рӯз шумораи гумроҳшудагон ва даст ба ҳар гуна корҳои ношоям задани ҷавонону наврасон аҳли ҷомеаро ба ташвиш оварда истодааст. Ҷавонон ҳоло меҳнат кардан намехоҳанд, роҳи осони пулёбиро ҷустуҷӯ мекунанд. Аз ин рӯ, онҳоро гумроҳ кардану ба гурӯҳҳои ифротгароёу террористӣ шомил намудан осон аст. Ҷавонон набояд фиребтаи суханҳои пучу бемағз ва пулу сарвати «хӯҷаинҳои аҷнабӣ» гарданд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки аҳли ҷамоатчигӣ, аҳли маорифу фарҳанг, волидон, муассисаҳои таълимию касбӣ бо ҷавонон ҳама вақт дар робита бошанд. Ба онҳо моҳият, сабабҳои авҷгирии терроризм ва ифротгароиро фаҳмонанд. Онҳоро ба маҳфилҳои касбомӯзӣ ҷалб намоянд. Ҷавонон вақтҳои холигии худро ба варзиш сарф намоянд. Ҳунарҳои гуногунро омӯзанд ва барои пешрафт ва ободии Ватани хеш саҳмгузор бошанд.

Имрӯз давлати мо рӯ ба тарақи ниҳода, дар арсаи байналмилалӣ соҳиби обрӯву нуфуз гаштааст ва мо ҷавонон бояд ҳарчӣ бештар аз ин истифода бурда, боз ҳам парчами кишварамонро болотар бардошта, ҳисси миллиамонро равнақ диҳему шукронаи сулҳу субот намоем. Чунки имрӯзҳо сабаби пош хӯрдан ва боиси ба бӯҳрони сахти молиявӣ гирифтор шудани давлатҳои олам ин маҳз терроризм мебошад. Орзуи аввалини ин давлатҳо сулҳу субот ва оромона сайру гашт кардани шаҳрвандон мебошад, ки ин орзуи амалинашаванда барои онҳо мебошад. Хушбахтона дар кишвари мо сулҳу субот ҳукмрон аст ва аз ин мо бояд ифтихор намоем.

Аз таҷрибаи судӣ дида мешавад, ки аксар ҷиноятҳои характери террористидошта миёна ҷавонон рух медиҳанд. Ин ҳам бошад таҳлили худро ёфта маълум шуд, ки аз беаҳамиятии волидон, бад будани сатҳи зиндагӣ ва маълумоти кофӣ надоштани ҷавонон мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар нишасту Паёмашон қайд карда мегузаранд, ки «Террорист на дин дораду на Ватан». Ин суханони Ҷаноби Олиро мо ҷонибдорӣ намуда, бояд пеш аз ҳама дар шуури одамон ҷой кунем, ки бо ин амалҳои ношоистаи худ онҳо ҳам ҷони худро дар хатар мегузоранду ҳам хешу таборҳояшонро бадном мекунанд. Барои ин бояд ҳарчӣ бештар дар байни мардум корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, оқибатҳои ин гуна амалҳоро ба онҳо расонем.



**Абдуҷалил ЭШОНЗОДА**
**котиби коллегияи судии суди шаҳри Душанбе**

# ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ХИЗМАТ БА ХАЛҚУ ВАТАН АСТ!



**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

Хизмати давлатӣ дар таъмини рушди давлату давлатдорӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои миллӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа нақши муҳим мебозад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии ҶТ ҳанӯз 25 апрели соли 2008 қайд намуда буданд: «Ба ҳама маълум аст, ки сатҳу сифати идоракунии давлатӣ ба донишу таҷриба, маҳорату малака, масъулиятшиносиву ташаббускорӣ ва сифатҳои касбиву кордонии хизматчиёни давлатӣ вобаста аст. Хизмати давлатӣ асоси сиёсати давлатии кадрҳо буда, қабл аз ҳама ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ нигаронида шудааст».

Хизмати давлатии ҶТ фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ буда, ба таъмини иҷрои ваколату салоҳиятҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатии ҶТ равона карда шудааст.

Дар робита ба ин, шаҳрванди ҶТ, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ ва бо мақсади таъмини иҷрои ваколату салоҳиятҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатии ҶТ ишғол намудааст, хизматчии давлатӣ номида мешавад.

Пешвои миллат ва Ҳукумати ҶТ ҷиҳати баланд бардории самаранокӣ ва рушди хизмати давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва арзёбии хизматчиёни давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, татбиқи усулҳои самарабахши интихоби кадрҳои баландихтисос барои хизмати давлатӣ, фароҳам овардани шароит барои баландравии хизматии онҳо, таъмини ҳамаи соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ бо кормандони ихтисосманд, касбӣ, ташаббускор, дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ, истифодаи самараноки иқтидори зеҳнию кадрӣ, истифодаи оқилонаи кадрҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои кор ва пешравии касбии онҳо, пешбинӣ ва банақшагирии таъмини соҳаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ бо кадрҳо, мутобиқсозии иқтидорҳои кадрии ҷумҳурӣ ба талаботе, ки дар бозори байналмилалии меҳнат пешниҳод карда мешаванд, пайваста чораҳои мақсаднок меандешанд. Дар иртибот ба ин, дар кишварамон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо, консепсияҳо, қарорҳо ва стратегияҳо қабул карда шуданд.

Гузашта аз ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул гардидаанд, ки ба раванди ташаккулёбии иқтидорҳои кадрӣ, бартарафсозии камбудиҳо дар татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо, болоравии сатҳи касбӣ, ширкати фаъолонаи хизматчиёни давлатӣ дар эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона нигаронида шудаанд. Айни ҳол татбиқи бомароми онҳо ҷараён доранд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дар асоси он қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси одоби хизматчии давлатии ҶТ ва Феҳристи мансабҳои давлатии ҶТ ҷиҳати танзими масъалаҳои интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, ҳалли масъалаҳои тарбия, интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳо ва умуман, идоракунии захираҳои инсонии мақомоти давлатӣ ва бахши ғайридавлатӣ асоси босазо гузоштанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз 25 январи соли 2001, таҳти №475 Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи таъсис додани Раёсати хизмати давлатии назди Президенти ҶТ» қабул гардид ва дар мувофиқа ба он бо Фармони Президенти ҶТ аз 7 феврали соли 2001, таҳти №479 Раёсати хизмати давлатии назди Президенти ҶТ таъсис дода шуда, баъдан бо Фармони Сарвари давлат аз 15 марти соли 2014, таҳти №179 ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ табдил дода шуд.

Мувофиқи Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ сохтори мазкур, мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ менамояд. агентӣ дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ сиёсати ягонаи давлатии ҶТ-ро дар соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ намуда, ба Президенти ҶТ ҳисоботдиҳанда мебошад.

Самтҳои асосии фаъолияти Агентӣ иборат аз татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ ва назорати иҷрои қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ, ташкили курсҳои тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ, мусоидат ба амалишавии кафолатҳо ва ҳавасмандгардонии онҳо мебошад.

Инчунин Агентӣ дар доираи ваколатҳои худ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатиро таҳия ва қабул менамояд, назорати татбиқи Феҳристи мансабҳои давлатии ҶТ-ро амалӣ месозад. Агентӣ тибқи қонунгузории ҶТ барои риоя накардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ дар доираи салоҳияти худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ ва ҷазои маъмурӣ таъйин менамояд. Ҳамзамон, агентӣ баҳодиҳии самараноки идоракунии ҳайат ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ вобаста ба масъалаҳои хизмати давлатиро дар мақомоти давлатӣ мегузаронад, дар таҳияи лоиҳаҳои шартномаҳои байналмилалӣ ва амалигардонии ҳамкории байналмилалӣ, татбиқи барномаҳои таълимӣ дар дохил ва хориҷи кишвар иштирок менамояд, масъалаҳои вобаста ба таҳсили хизматчиёни давлатӣ ва таъмини мақомоти давлатӣ бо кадрҳои баландихтисосро ҳамоҳанг месозад, дигар ваколатҳоеро, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд.

Бо мақсади тақвияти бахшидани масъулияти хизматчии давлатӣ ва самаранокии идоракунии хизмати давлатӣ, таҳкими обрую эътибори ниҳоди хизмати давлатӣ бо Фармони Президенти ҶТ аз 3 декабри соли 2015, таҳти №591 Кодекси одоби хизматчии давлатии ҶТ қабул карда шуд.

Кодекси мазкур маҷмӯи меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии хизматчии давлатиро, ки сифатҳои ахлоқии фаъолияти касбӣ ва рафтори ӯро дар кор ва ҷомеа таҷассум намуда, ифодагари арзишҳои эътирофшудаи ахлоқи инсонӣ, талаботи маънавии ҷамъият нисбат ба хизматчии давлатӣ мебошанд, танзим менамояд.

Ба андешаи мо таъкиди зерини Пешвои миллат, ки дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии ҶТ 25 апрели соли 2008 ироа гардида буд, бояд шиор барои ҳар як хизматчии давлатӣ бошад: «Роҳбарону кормандони масъули ҳамаи зинаҳои хизмати давлатӣ ва умуман тамоми хизматчиёни давлатӣ бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки савганди ёдкардаи Президенти мамлакат нафақат ба Роҳбари давлат, балки ба ҳар кадоми онҳо низ дахл дорад».



# ШАМСИЯ БАҚОЕВА: ҶАНГ ХОТИРОТИ ХУБ ДОШТА НАМЕТАВОНАД



Бақоева Шамсия Саидовна 17 сол мешавад, ки ба ҳайси китобдори факултети ҳуқуқшиносӣ кор ва фаъолият дорад. Дар тӯли ин солҳо бо муомилаи маҳину зебояш ба дили ҳамагон роҳ ёфтааст. Рафтори ҳамидаи ӯ касро водор месозад, ки агар лаҳзае фурсат ёбад, вориди китобхонаи факултет шавад. Эҳтироми самимӣ ва хоссаи донишҷӯён нисбат ба муаллимаи азиз, посухи хушмуомилагии ӯ ва кӯшишҳои беандозааш барои дастрас ва таъмини маводи лозимии илмӣ барои кулли донишандӯзон ва пайравони илм мебошад. Шояд аксарияти донишҷӯёне, ки ҳамарӯза бо ин шахсияти беназир ҳамсуҳбат мешаванд бехабар аз он бошанд, ки ин бонуи бомаърифат натанҳо китобдори факултети ҳуқуқшиносӣ, модари ғамхор, ҳамсари меҳрубон, дӯсти содиқ, балки ҳамзамон қаҳрамонзане мебошад, ки барои ҷанговарияш бо медал ва ифтихорномаҳои зиёде сарфароз гардидааст.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» тасмим гирифтааст, ки бахшида ба 72-солагии Иди Ғалаба бо ин зани шуҷоъ суҳбат ороста бошад.

**- Шамсия Саидовна, сараввал Шуморо ҳамчун ҷанговари интернатсионалист ва дар симои Шумо тамоми иштирокчиёни ҶБВ ва дигар ҷанговарони интернатсионалистро бахшида ба 72-юмин солгарди Иди Ғалаба шодбош мегӯем ва дар арафаи ин ҷашн мехоҳем бо Шумо сӯҳбате ороста бошем.**

- Ташаккури зиёд. Аз фурсати муносиб истифода бурда, кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва умуман мардумоне, ки дар солҳои ҶБВ содиқона барои ҳифзи шарафи халқу миллати худ адои вазифа намуданд ва ҳатто ҷони худро нисор намуданд, ҳамзамон ҳамаи ҷанговарони интернатсионалистро бо ин иди фархунда табрику таҳният гуфта, барояшон саломатӣ, умри дароз ва сулҳу осоиштагиро орзу менамоям.

**- Саломат бошед. Чуноне, ки мо медонем Шумо бо якчанд медалҳо ва диплому ифтихорномаҳо сарфароз гардидаед ва ҳамасола дар арафаи Иди Ғалаба ба барномаҳои фарҳангие, ки барои ҷанговарон пешкаш карда мешавад, даъват мешавед, қадами аввалини ин ҳама муваффақиятҳои бузургро Шумо аз куҷо оғоз кардаед?**

- Ман хатмкардаи факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (айни ҳол ДМТ) мебошам. Баъд аз хатми донишгоҳ мехостам қарзи интернатсионалистии худро иҷро намоям. Солҳои 1987 дар кишвари ба мо ҳамсоя Афғонистон инқилоби Савр сар зад, ки Тоҷикистони азизи мо он даврон дар ҳайати собиқ Шӯравӣ қарор дошт. Мо як гурӯҳ будем, ки барои адои вазифа намудан дар ин ҷанг ҳуҷҷатҳоямонро дар ҳамин мамлакати азизамон супурдем. Ва албатта ҳуҷҷатҳои ҳамаро қабул накарданд, зеро ки талабот хеле ҷиддӣ буд. Баъд аз муввафақ шудан дар Тоҷикистон моро ба шаҳри Москва даъват карданд, ки даври ниҳоиро ман дар он ҷо низ бо муввафақият пушти сар кардам ва аз соли 1987 то соли 1990 ба ҳайси тарҷумони забонҳои русӣ-дарӣ адои вазифа намудам.






**- Дар ҳақиқат шуҷоати Шумо шоистаи таҳсин аст. Як духтари ҷавоне, ки донишгоҳро бо садҳо умеду орзуҳои ширин хатм мекунад, вале роҳ сӯи корхона ё идораи давлатӣ не, балки роҳ сӯи ҷанг мегирад чӣ гуна мушкилиҳо бо Шумо рӯ ба рӯ гардид?**

- Ҷанг дар ҳама давру замон ва дар ҳама ҷову макон хонумонсӯз аст. Чи дар давлат, ҷомеа, маҳалла, оила ва ҳатто байни ду нафар ҷой доштани ҷангу ҷидолҳо касеро хушбахт намесозад. Ман ин нуқтаро махсусан барои ҷавонон, ки қишри асосии ҷомеа ба шумор меравaнд таъкид карданиям. Чуноне ки дар боло қайд кардам, солҳои ҷавонии мо ба давроне тааллуқ дорад, ки Тоҷикистон дар ҳайати собиқ Шӯравӣ буд. Мо дар сояи сулҳу оромӣ баркамол расида будем. Вақте ки ман аз ин осоиштагӣ ба ҷанг рафтам дар ҳақиқат бисёр мушкил буд. Вале, мутаассифона, вақте ки мо соли 1990 ба ватани азизи худ баргаштем ватани маҳбуби моро низ оташи ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта буд. Яъне ман аз ҷанг ба ҷанг баргаштам. Шукри Худо, ки имрӯз бо шарофати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон офтоби сулҳ дар осмони софи мо нурпошӣ мекунад.

**- Ягон хотироти фаромӯшнашавандаи худро аз кишвари Афғонистон барои мо қисса мекунед?**

- Ман бисёр афсӯс мехӯрам, ки мутаассифона ҷанг хотироти хуб дошта наметавонад. Аз ҳамин лиҳоз як воқеаи талхе, ки ҳеҷ аз хотири ман фаромӯш намешавад пешкаши хонанда месозам. Ин як рӯзе буд, ки боғчаи кӯдаконаро дар кишвари Афғонистон зери мушакборон қарор доданд. Аксарияти он кӯдакони хурдсол ба ҳалокат расиданд, баъзеяшонро ҳатто пайдо накарданд ва онҳоеро, ки наҷот доданд аз тарси бисёр на сухан гуфта метавонистанд ва на ҳатто гиря карда метавонистанд. То имрӯз чеҳраи маъсуми ҳамон хурдсолакон ҳеҷ аз хотирам зудуда намегардад.

**- Шумо солҳои зиёде мешавад, ки ба ҳайси китобдори факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолият доред, оид ба ин фаъолияти худ чӣ гуфтниед?**

- Ман аз соли 2000-ум инҷониб фаъолияти кории худро дар факултети ҳуқуқшиносӣ идома дода истодаам. Ҳамаи корҳои китобдориро ман аз роҳбарам Утикеева Виктория Никалаевна омӯхтам. Минтадории худро ба ҳамаи устодон ва садорати факултет мерасонам, ки бисёр инсонҳои бомаърифат ва меҳрубон мебошанд. Дар иҳотаи ин гуна инсонҳои шариф кор кардан барои ман ифтихори бузург аст.

**- Ташаккури зиёд, бонуи муҳтарам. Бори дигар ба Шумо ва дар симои Шумо ҳамаи ҳамватанонро бо Иди Ғалаба шодбош мегуем.**

- Саломат бошед.



Суҳбаторо:
Савлат ИЗЗАТУЛЛОЕВА
донишҷӯи соли 3 (МБҲ)



## Аълочии маориф ва илм муборак!

Солҳои охир таваҷҷуҳи давлату ҳукумати кишвар ба соҳаи маориф ва илм бештар гардидааст. Ҳамин аст, ки ҳамасола кормандони ин соҳа бо унвону медал ва ифтихорномаҳо сарфароз гардонида мешаванд.

Чанде пеш аз ҷониби Вазорати маориф ва илм дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Бобоева Низорамоҳ Идиевна барои хизматҳои шоён ва дарозмуҳлат дар соҳаи маориф бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд.

Бобоева Н.И. солҳои тӯлонӣ дар факултети ҳуқуқшиносӣ кору фаъолият намуда, якчанд вазифаҳои ҷамъиятиро бар дӯш дорад.



# ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ – ҒОЛИБИ МУСОБИҚОТИ ҶУМҲУРИЯВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ



**Имрӯз дар факултети ҳуқуқшиносӣ сафи донишҷӯёне, ки дар баробари таҳсили хуб ба варзиш машғул гардида, дар мусобиқаҳои дохиливу байналмилалӣ обрӯи кишварро баланд мебардоранд, хеле афзудааст. Чунончи, чанде пеш як гурӯҳ донишҷӯёни факултет дар мусобиқаи шаҳрӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии шаҳри Душанбе оид ба намудҳои гуногуни варзиш сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Аз ҷумла: Сайфиддинов Аслиддин донишҷӯи соли 4-и шуъбаи рӯзона умумӣ дар намуди “Гӯштини миллӣ” дар вазни 65 кг сазовори ҷои 3-юм, Абдулҳайев Сӯҳроб донишҷӯи соли 5-и шуъбаи рӯзона, ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар намуди “Гӯштини миллӣ” дар вазни 100 кг сазовори ҷои 2-юм, Шамсуллоев Мубориз донишҷӯи соли 4-и шуъбаи рӯзонаи умумӣ дар намуди “Гӯштини тарзи озод” дар вазни 65 кг сазовори ҷои 3-юм, Ҳалимов Баҳодур донишҷӯи соли 4-и шуъбаи рӯзонаи умумӣ дар намуди “Гӯштини дзюдо” дар вазни 66 кг сазовори ҷои 1-ум, Муродов Акмал донишҷӯи соли 4-и шуъбаи рӯзонаи умумӣ дар намуди “Гӯштини дзюдо” дар вазни 81 кг сазовори ҷои 1-ум гардиданд.**

**Сатторов Абдулваҳҳоб** донишҷӯи соли 1-и шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ дар чемпионати ҶТ оид ба “Гӯштини миллӣ” дар вазни ҷамъи 100 кг сазовори ҷои 1-ум гардид.

Донишҷӯи соли 1-и факултети ҳуқуқшиносӣ **Насруллоев Муҳаммад Тоирович** дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба «Кикбоксинг» байни калонсолон дар вазни 60 кг сазовори ҷои аввал гирдид. Муҳаммад дар суҳбат бо мо саҳми устоди худ Назир Боқиевро дар муваффақиятҳояш беназир арзёбӣ намуд. «Ҳама дастовардҳоям натиҷаи заҳмати доимии устодам аст» – қайд намуд, Муҳаммад Насруллоев.





Духтарони факултет низ дар намудҳои варзиш фаъоланд. Чунончи, донишҷӯи соли 2-и шуъбаи рӯзона **Исроилова Гулмира** санаи 19-уми марти соли ҷорӣ дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба бокс миёни занон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон сазовори ҷои 2-юм гардид. Илова бар ин Исроилова Гулмира санаи 30-юми марти соли 2017 дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба бокс миёни занон ба ҳамаи ҳарифонаш ғалаба карда, ҷои якумро ишғол намуд.

**Дар бахши илм низ донишҷӯёни мо пешсафанд. Аз ҷумла, донишҷӯи соли 1, ихтисоси танзими ҳуқуқии молия ва қарз Шарифов Парвиз дар конкурси “Я – наследник двух культур”, ки дар доираи лоиҳаи “Факел русского языка на великом шелковом пути” дар Донишгоҳи дӯстии халқҳои Федератсияи Русия доир гардид, ғолибият ба даст овард.**

Донишҷӯи соли 2-и шуъбаи рӯзонаи умумӣ **Исмоилов Ислом** дар олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ дар соли 2016-2017 аз фанни забони русӣ ҷои 3-юмро ишғол намуд.

**Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос” донишҷӯёни мазкурро бо ин муваффақиятҳояшон табрик гуфта, ба эшон тамринҳои пайваста, хониши хубу аъло ва ғолибиятҳои беш аз пеш орзу менамоянд.**



Масъул:
Ҳамзаи БОБОХОН

# АНДАРЗИ ДОНИШҶӮ



Тоҷинисо АЗИЗЗОДА
донишҷӯи соли 1

Ҳақиқатро бо самимият ва дурӯғро бо нафрат биомӯз.

Зиндагиро биёмӯз, вале қабл аз он худатро биёмӯзон, то зиндагӣ карда тавонӣ.

**Ҳаётро бе муаммо тасаввур макун, чунки худат ҳам муаммои сарбастаӣ.**

Зебои зоҳирият зеб надорад, агар ботинан зебо набошад.

**Худро оро дода, зебо мапиндор, зеро ситораҳо вақте зебо менамоянд, ки торикӣ фаро мерасад.**

Шахсе, ки ғурур надорад дар роҳе муваффақ намешавад, агар ҳатто аз моли падар истифода намояд.

Шахси хуб ва бадро метавон аз чашмонаш омӯхт, зеро шахси хуб чашмонаш аз муҳаббат ва шахси бад аз нафрат аланга мезанад.

Рози дилатро бо ҳар кас дар миён магузор, зеро на ҳар кас сазовори боварӣ аст.

**Дар тарбияи сифла эҳтиёткор бош, зеро дар остинат мор мепарварӣ ва рӯзе ба ту неш хоҳад зад.**

Ба касе бовар макун, ҳатто ба худат, зеро худат ҳам гоҳе худро фиреб медиҳӣ.

**Аз ҳама ҷазои сахт барои гунаҳкор бахшидани дигарон асту набахшидани виҷдонаш худашро.**

Ту бо моли падар ифтихор макун, бигзор падарат бо номи ту ифтихор намояд.

**То насӯзӣ, сӯхтани дигарон нафаҳмӣ.**

Дунёро бо чашмони биноёни дилкӯр манигар, балки бо чашмони нобиноёни рафшандил назар намо, то аз мазмунаш огаҳ шавӣ.

**Аз ҳаёт зиндагӣ, аз модар муҳаббат, аз падар садоқат, аз устод илм, дар сухан сабр, бо бадон хубӣ ва бо ҳасудон сахӣ буданро биёмӯз.**

# МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР ЗАМОНИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Хотиррасон бояд намуд, ки бе эълони ҷанг, саҳарии барвақти 22-юми июни соли 1941 қӯшунҳои сершумори Олмони фашистӣ аҳдшиканона бо қувваҳои калони заминӣ ва фазоӣ ба хоки Украина ва Белоруссия зада даромад. Ҳукумати марказӣ акнун барои мубориза ба муқобили ин урдуи хунхор тамоми чораҳои аввалиндараҷаро медид.

Дар ҳамин асос буд, ки худи ҳамон рӯзи 22-юми июни соли 1941 Укази Президиуми Шӯрои Олии СССР «Дар бораи вазъи ҳарбӣ» интишор ёфт. Вобаста ба эълом намудани вазъи ҳарбӣ дар маҳаллаҳои мавқеи ҷангӣ, тамоми ваколатҳои ҳокимияти давлатӣ дар самти мудофиа, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарӣ ба шӯроҳои ҳарбии фронтҳо, артиш ва округҳои ҳарбӣ дода шуда, дар ҷойҳое, ки шӯроҳои ҳарбӣ амал намекарданд ин ваколатҳо ба ҳайати олии қумондонҳои қӯшунҳои ҳарбӣ дода мешуд.

Тибқи банди 6-уми ин указ он замон хело машҳур барои итоат накардан ба амру фармонҳо ҳокимияти ҳарбӣ ва ҳамчунин содир намудани ҷиноятҳо дар минтақаҳои ҳолати ҷангӣ эълон намуда гунаҳгорон дар асоси қонун ва тартиботи замони ҷанг ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд.

Дар минтақаҳои ҷанг эълонкардашуда, тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба мудофиа, тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии давлатӣ, баъди тафтиш ба баррасии трибуналҳои ҳарбӣ дода шуданд. Баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бошад, аз рӯи «Низомнома оид ба трибуналҳои ҳарбӣ дар ноҳияҳои амалиёти ҷангӣ» амалӣ карда шуда, ҳукми трибунали ҳарбӣ ба таври кассатсионӣ баррасӣ ва бекор намешуд. Танҳо ба таври назоратӣ ин ҳукм метавонист бекор ва ё тағйир дода шавад.

Хотиррасон бояд намуд, ки низомномаи мазкур низ худи ҳамон рӯз, яъне санаи 22-юми июни соли 1941 кор карда баромада шуда, аз тарафи Президиуми Шӯрои Олии СССР қабул гардида буд. Вақт ва ҳолати ҷангӣ, ҳуҷуми барқосои фашистон, ки плани «Барбаррос»-ро амалӣ кардан мехостанд ва пайваста аз худи ҳамон рӯзи ҷанг зарба зада пеш мерафтанд, ҳамин гуна зуд ва қатъӣ қабул кардани қарору қонунҳои замони ҷангро талаб мекарданд! Дар бораи ҷазои олӣ – ҳукми қатл, трибуналҳои ҳарбии шӯроҳои ҳарбии округҳо, фронтҳо, артиш, флот ва флотилияҳо ҳуқуқ доштанд, ки иҷроиши онро бо таъҷилан хабар додан ба Раиси Коллегияи ҳарбии Суди Олии СССР, Сарпрокурори ҳарбии Армияи Сурх, Сарпрокурори ҳарбии Флоти Ҳарбӣ-баҳрии СССР бо ифодаи ақидаи худ ва ирсоли минбаъдаи парвандаҳо ба иҷро расонанд.

Тибқи банди 16-и низомномаи мазкур оид ба ҳар як ҳукми қатли бо корҳои ҷиноятӣ додашуда трибунали ҳарбӣ таъҷилан ба Раиси Коллегияи ҳарбии Суди Олии СССР, Сарпрокурори ҳарбии Артиши Сурх, Сарпрокурори ҳарбии Флоти Ҳарбӣ-баҳрии СССР аз рӯи тобеият бояд иттилоъ медод. Дар ҳолати дар зарфи 72 соат нагирифтани ҷавоби барқия оид ба боздошти ҳукми қатл аз ин мақомоти зикрёфта, чунин ҳукмҳо зуд ба иҷро расонида мешуданд.

Аз тарафи Прокурори СССР ва Комиссариати адлияи (чун суд ва трибуналҳои ҳарбӣ дар ихтиёри ин мақомот карор доштанд) фармони вобастаи вазъи ҷангии якҷоя қабул мегаштанд. Масалан, санаи 27-уми июни соли 1941 таҳти №104/64 ба таври илова фармон қабул гашт. Тибқи ин фармон барои баррасӣ ба ихтиёри трибуналҳои ҳарбии қушунҳои НКВД тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба терроризм, ки ба муқобили фаъолони деҳот, тарғибҳои террористӣ оғоз гардида буданд, парвандаҳои ҷиноӣ оид ба оташзании ҳавлиҳои фаъолони деҳот ва биноҳои ҷамъиятӣ (мактаб, деҳшӯроҳо, фермаҳои колхозӣ ва ғайраҳо) дода шуданд. Назорати прокуририро ба чунин категорияи парвандаҳои ҷиноятӣ Прокурори СССР ба дӯши прокурори қушунҳои НКВД вогузошт.

Ҷанг идома меёфт, мақомоти Прокуратураи СССР ва Комиссариати адлияи СССР бо мақсади иҷроиши бечунучарои қонунҳои замони ҷангӣ, пеш аз ҳама ҳафтаҳои аввал пайваста қарорҳои дахлдорро баҳри иҷроиши ин фармони ниҳоят муҳимми он давра қабул мекарданд. Чунончӣ, санаи 26-уми июни соли 1941 фармони якҷояи ин мақомот «Оиди банду басти вайрон намудани қоидаҳо ва идоракунии дифои зиддиҳавоии маҳаллӣ»-ро таҳти №59/595 ба тавсиб расониданд. Тибқи банди 1-и ин қарор вобаста ба вазъияти ба амал омада ва тибқи бандҳои ин фармон барои иҷро накардани пинҳонкунии рӯшноӣ аз ҳуҷуми душман ва дигар амалҳои лозима дар маҳаллаҳои дифои зиддиҳавоӣ моддаи 4 банди «а»-и Укази Президиуми Шӯрои Олии СССР «Дар бораи вазъияти ҳарбӣ» истифода карда мешавад. Дар ҳолати чунин қонунвайронкуниҳоро бо мақсади ёрирасонии душман анҷом додан, чунин ҳаракатҳо бо моддаи 58-1 КҶ РСФСР ва моддаҳои мувофиқи Кодексҳои ҷиноятии дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ чун хиёнат ба ватан банду баст карда мешуд.

Бешаку шубҳа чунин банду баст намудани ҳаракати шахсони масъул ба дифои зиддиҳавоии маҳаллӣ нақши муассири худро дошт ва он пеши роҳи бисёр ҳаракатҳои зиддишӯравиро дар ин роҳ гирифта, қисмҳои дифои зидди ҳавоиро дар маҳаллаҳои наздики амалиёти ҷангӣ масъулиятшинос гардонад.




Прокуратураи СССР чун мақомоти олии назоратии СССР бо мақсади иҷроиши пайвастаи қонунҳои замони ҷанг, ҳам дар фронтҳо ва ҳам дар ақибгоҳи фронтҳо ва умуман кулли кишвар дар ин давра чораҳои зиёдеро меандешид. Махсусан бо мақсади баланд бардоштани доираи интизомнокӣ ва ҳавасмандгардонии кормандони худ чораҳои зиёдеро андешидааст.



Таърих гувоҳ ҳаст, ки урдуи фашистии Гитлер ва ҳаммаслаконаш дар хоки шӯравӣ ба чи бедодгариҳои ғайриинсоние нисбат ба мардуми бегуноҳи шӯравӣ ба молу амволи онҳо, моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ даст назадаанд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, бо Укази Президиуми Шӯрои Олии СССР аз санаи 2-юми ноябри соли 1942 таҳти №40 «Дар бораи ташкили комиссиони фавқуллода оид ба муайян намудану тафтиш бурдани ҳаракатҳои ваҳшиёнаи фашистони немиси яғмогар ва ҳамтоёни онҳо ва муайян намудани зарари расонидаи онҳо ба шаҳрвандон, колхозҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳои СССР» комиссияи махсуси давлатӣ ташкил ёфт. Бешубҳа дар кори ин комиссия ва парвандаҳои оғозшуда ва тафтишгашта дар роҳи ба ҷаҳониён баъдан исбот намудани ваҳшонияти фашистон ва геноциди онҳо нисбати халқи шуравӣ мақомоти прокуратура ва бахши тафтишотии он нақши ҳалкунандаро бозидааст.

Аз сабаби оне ки тамоми коргарон ва хизматчиёни нақлиёти роҳи оҳан чун ашхоси ба артиш сафарбаршуда эълом гардида, масъулияти ҷавобгарии ҷиноятии онҳо бо хизматчиёни Артиши Сурх баробар карда шуда буд, дар ин асос фармони якҷоя қабул намудаи Прокурори СССР ва Комиссариати адлияи СССР низ бо назардошти вазъи ҷангӣ ва қонунҳои замони ҷанг басо қатъӣ буд. Масалан, барои худсарона ғайб задан ба дар ҷои кор бо сабабҳои узрнок ҳозир нашудани коргари роҳи оҳан бештар аз 2 соат гунаҳгорон бо моддаи 137-7-и КҶ-и РСФСР ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд. Маҳз ҳамин давра буд, ки санаи 1-уми июли соли 1944 Фармони Прокурори СССР таҳти №159 «Дар бораи пурзӯр намудани мубориза ба муқобили фирориён аз корхонаҳои ҳарбӣ» қабул гашта, фармони хешро баҳри пурзӯр намудан, ба таври дақиқ ва доими назорат намудан аз болои Укази Президиуми Шурои Олии СССР вобаста ба масъалаи фаъолияти корхонаҳои ҳарбӣ қабул намуд. Маҳз қабули чунин «Указҳои оҳанин»-и Шӯрои Олии СССР, қарорҳои Ставкаи Сарфармондеҳи Олии қӯшунҳои СССР И.В. Сталин ва қарорҳои қабулнамудаи Прокуратураи СССР ва Комиссариати адлияи СССР ва назорати прокурорӣ аз болои иҷроиши бечунучарои қонунҳои дар замони ҷанг дар маҳаллаҳо таъонист, ки ҳам дар фронт ва ҳам дар мавзеи наздиҷангӣ ва ҳам дар ақибгоҳ қонунҳо риоя ва нақшаҳои истеҳсолоти техникаи ҳарбию яроқу аслиҳа, либосу пӯшоку доруворӣ, дигар масъалаҳо ва ғояҳои сиёсии роҳбарияти вақти империяи абарқудрат, ҳамчунин дар ҷанги идеологӣ бо душмани сарсахте чун Олмони фашистӣ ғалабаҳои гӯшношунидеро ба даст оварда, душманро то лонааш - Рейхстаг бурда, маҳв сохта, онро ба таслим шудан маҷбур ва ҷаҳонро барои солҳои зиёде аз сиёсати фашистӣ, ки ин сиёсати ғайрибашарӣ ва нажодпарастӣ буд, наҷот бахшад.

Кормандони прокуратураҳо дар маҳаллаҳои ҷангӣ ва озодшудаи Иттиҳоди Шӯравӣ корҳои зиёди ҷиноятие алайҳи урдуҳои хунхори фашистӣ, қатли сартосарии одамон, куштори даҳшатноки онҳо дар «саллоҳхонаҳо»-и онҳо оғоз намуда, онҳоро тафтиш ва ба суд ирсол намудаанд.

Масалан: дар моҳи марти соли 1942 Руденко Роман Андреевич ба вазифаи муовини прокурори ҶШС-и Украина таъйин гашта, аз моҳи августи ҳамон сол гурӯҳи махсуси фаврӣ-оперативии Прокуратураи Украинаро зери роҳбарӣ гирифта, аъзоёни ин гурӯҳи фаврӣ-оперативӣ муфаттишон ва прокурорҳо ба минтақаҳои озодшудаи Украина ҳамроҳи қӯшунҳои Артиши Сурх дохил шуда, фавран ба кори худ сар намуда, ҳазорон ҳолати террор, куштор ва дигар ҷиноятҳои ваҳшигарии фашистонро дар ин сарзамин азияткашида ошкор ва парвандаҳои ҷиноятиро оғоз ва тафтиш намуданд. Соли 1944 дар сини 37 солагӣ ӯ аллакай Прокурори Украина таъйин



Варқаи ЗАЙНИДДИН
ёрдамчии калони прокурори вилояти Хатлон, мушовири адлияи дараҷаи 1

гашт. Чун айбдоркунандаи давлатӣ бо ҷиноятҳои фашистон дар сарзамини Украина ӯ худро прокурори босавод, нотиқи аълои судӣ ва оташинсухан нишон дода тавонист. Аз ин рӯ, маҳз ҳамин сифатҳои мусбати ӯро ба назар гирифта, Ҳукумати Шӯравӣ ва роҳбарияти Прокуратураи СССР ӯро ба вазифаи хело ҳам пурмасъули айбдоркунандаи асосии давлатӣ аз номи СССР ба мурофиаи судии байналмилалӣ бар зидди роҳбарони фашистӣ ба Нюрнберг равона намуд. Ӯ аз Ватани бузурги худ СССР ва рӯҳи ноороми миллионҳо шаҳидони бегуноҳ, миллионҳо занони бева ва ятимони бепадару модар монда ва зарарҳои расонидаи фашистон ба иқтисодиёти кишвар ба таври аъло дар мурофиа ҳимоя карда тавонист.

Маҳз ин сифатҳои ӯро ба назар гирифта, санаи 30-юми июни соли 1953 ӯ ба ҳайси Прокурори генералии СССР таъин мегардад ва муддати қариб 28 сол то давраи вафоташ 23-юми январи соли 1981 ин мақомоти баландпояи абарқудрати ҷаҳони СССР-ро роҳбарӣ менамояд. Фаъолияти пурсамари кормандони прокуратураи шӯравиро барои меҳнати хело намоён дар роҳи таҳкими қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ ба назар гирифта, дар арафаи ғалабаи ҶБВ бо Указзи Президуми Шӯрои Олии СССР аз санаи 19-уми марти соли 1945 ҷамъан зиёда аз 711 нафар кормандони гуногуни прокурорӣ қадршиносӣ карда шуданд. Вазъи вазнини баъдиҷангии Иттиҳоди Шуравӣ буд, ки Фармони Прокурори генералии СССР аз санаи 17-уми июли соли 1946 тахти №128 «Дар бораи пурзӯр намудани нақши назорати умумӣ барои ба таври дақиқ иҷро гаштани қонунҳо» ба тавсиб расид.

Тибқи ин фармон нақши назорати умумӣ ва масъулияти он дар роҳи иҷроиши қонунҳои замони баъдиҷангӣ (давраи барқароркунӣ – солҳои 1946-1956) хело баланд бардошта шуда, тибқи банди 1-и он пеш аз ҳама назорат аз болои вазоратхонаҳо, мақомоти ҳокимияти иҷроияи кишвару вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷумҳуриҳо, мақомоту муассисаҳои давлатӣ пурзӯр карда шуд. Маҳз риояи иҷроиши бечунучарои қонунҳои замони баъдиҷангӣ ва барқароршавии хоҷагии халқи мамлакат буд, ки пешравиҳои зиёде ҳам дар соҳаи саноат ва ҳам хоҷагии халқи Шӯравӣ аллакай дар соли 1947 эҳсос мешуд. Бинобар ин сабаб бо Указзи Президиуми Шӯрои Олии СССР аз санаи 27-уми майи соли 1947 ба муносибати 25 -солагии таъсиси мақомоти прокуратураи шӯравӣ ва хизмати калон дар роҳи мустаҳкам намудани қонуният 905 нафар кормандони прокуратура бо мукофотҳои давлатӣ - ордену медалҳои гуногун мукофотонида шуданд.




Боиси ифтихор аст, ки мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон чун як ҷузъи таркибии мақомоти Прокуратураи СССР дар давраи вазнини Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва давраи барқароркунии хоҷагии халқи мамлакат дар роҳи таъмини риояи иҷроиши қонунҳои замони ҷанг ва давраи баъдиҷангӣ хизмати босазои худро анҷом додаст. Дар ин давра мақомоти прокуратураи Тоҷикистон таҳти роҳбарии прокурори вақти ҷумҳурӣ Романов дар роҳи иҷроиши бечунучарои қонунҳои замони ҷанг, риояи иҷроиши қонунҳо дар ақибгоҳи фронт, сари вақт иҷро намудани фармоишҳои фронтӣ, истеҳсоли хӯрока ва пӯшока ва иҷроиши қонунҳо оиди сафарбари ба фронт ва мубориза алайҳи тороҷгарони моликияти давлатӣ ва мубориза бар зидди гурезагони даъвати ҳарбӣ (дизертирҳо) ва ғайраҳо нақши боризи худро ба ҷой гузоштааст.



Бисёре аз кормандони прокуратураи тоҷик замони ҷанг ихтиёран ба фронт рафта дар ҷабҳаҳо барои озодии ватан ҷангидаанд, қисми дигарашон дар мақомоти прокуратураҳои ҳарбии минтақаҳои даргири ҷанг вазифаҳои пуршарафи прокурорӣ ва муфаттиширо бо камоли кордонӣ ба иҷро расонидаанд, қисми дигарашон дар Тоҷикистон бахри риоя ва иҷроиши қонунҳои ба истилоҳ замони ҷанг хизмати босазое кардаанд. Як қисми онҳо дар фронтҳо ба ҳалокат расида, қисми дигарашон шаҳди ғалабаро чашида, баъдан солҳои дароз, аз ҷумла солҳои баъдиҷангии барқарокунии хоҷагии халқи кишвар (солҳои 1946-1956) ва солҳои минбаъда дар роҳи таъмини риояи иҷроиши даққиқ ва бечунучарои қонунҳо ва таъмини волоияти қонун дар ҶШС Тоҷикистон саҳми арзандаи худро гузоштанд. Нақши онҳо дар рушди қонуният ва то ба давраи Истиқлолият расонидани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бисёр арзанда ҳаст.

Насли ҷавони кормандони мақомоти Прокуратураи ҶТ-и сохибистиклол бояд аз таърихи гузаштаи пурғановати ин мақомот ва кормандони покдил ва касбии он донанд, зеро таърихи гузаштаи худро донистан дар роҳи сабақ гирифтан ва чун соҳибкасб сабзида расидан имкониятҳои хуберо барои онҳо фароҳам хохад сохт.

Хотираи иштирокчиёни ин ҷанги ҷаҳонӣ ҳама вақт зинда бод!

# РУШДИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ





Тибқи нақша-чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносӣ ҳар моҳ дар факултет семинарҳои илмӣ-назариявии назди кафедраҳо доир карда мешавад. Чунончи, санаи 6-уми майи соли 2017 дар назди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносӣ семинари илмӣ-амалӣ бахшида ба «20-солагии Ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон» баргузор гардид.

Дар кори семинар декани факултет, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. иштирок карда, қайд намуданд, ки гузаронидани чунин семинарҳо заминаи хубест ҷиҳати такмили дониш ва малакаю маҳорати суханварии олимони ҷавон. Қайд карда шуд баргузории чунин ҷамъомадҳо барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва аз байн бурдани нофаҳмиву холигиҳое, ки дар соҳаи қонунгузории ҷиноятӣ вуҷуд доранд, мусоидат менамояд.

Дар ҷараёни семинари илмӣ устодони кафераи ҳуқуқи ҷиноятӣ маърӯзаҳои худро оид ба бахшҳои гуногуни қонунгузории ҷиноятӣ ва мушкилоти соҳа ба аҳли нишаст пешниҳод намуданд. Аз ҷумла бо маърӯзаҳо баромад намуданд: Сафарзода А.И., Холиқов Ш.Л., Мирзоев С., Миралиев Э.Б., Неруи М., Сайфуллоев У., Қурбонзода Б.

Дар фарҷом қайд гардид, ки натиҷаи таҳлилу баррасӣ ва тавсияҳои судманд ба сохторҳои дахлдорӣ давлатӣ пешниҳод карда хоҳад шуд.



Масъул:
Эмомалӣ МИРАЛӢ



# ЗАРУРИЯТИ ҚАБУЛИ КОНСЕПСИЯИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Раванди рушди низоми қонунгузорӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ, пеш аз ҳама, аз сифат ва тартиби истифодабарии ин қонунҳо дар амал вобастагии калон дорад.

Мусаллам аст, ки хусусият, моҳият ва мазмуни низоми қонунгузорӣ ҳеҷ гоҳ бетағйир набуда, доимо дар ҳаракат мебошад. Аз ин сабаб, раванди инкишофи низоми қонунгузорӣ дар давраи гузариш дар мамлакатамон якхела набуд, вале бо вуҷуди ин мушкилот фаъолияти қонунэҷодкунӣ марҳила ба марҳила дар ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ҳал карда шуда, ислоҳоти низоми қонунгузорӣ мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ гузаронида шуда, рушд ва такмил ёфт.

Гузашта аз ин, Конститутсияи замони соҳибистиқлолӣ низ зарурияти танзими ҳуқуқии демократии муносибатҳои ҷамъиятиро тақозо намуд ва марҳилаи нав дар таҳия, қабул ва такмили қонунҳо мувофиқи Конститутсияи навини Тоҷикистон ба миён овард. Хусусияти барҷастаи Конститутсияи нави ҶТ аз он иборат аст, ки дар меъёр ва принсипҳои он асосҳои фароҳам овардани таҷзияи ҳокимият ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ, инчунин нақши ҳокимияти қонунгузор дар қабул ва такмили қонунгузорӣ муайян карда шуданд.

Демократикунонии ҳамаи институтҳои давлатию ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷодаи қонунгузорӣ бо риоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷойи аввал меистанд, ки ҳамчун арзиши олӣ дониста мешаванд. Ин омилҳоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханрониашон дар ҷаласаи нахустини Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ даъвати панҷум, рӯзи 17 марти соли 2015 чунин таъкид намуда буданд: «Дар шароити вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ таъмини сулҳу суботи сиёсӣ, ободии оияндаи Ватан, пешрафти бомароми ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат, эҳтироми меъёрҳо ва муқаррароти қонунгузорӣ, ҳимояи манфиатҳои олии милливу давлатӣ аз фаъолияти бомароми мақоми қонунгузори кишвар вобастагии амиқ дорад».

Барои барқарор намудани асосҳои ягонаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба тартиб даровардани муносибатҳои мавҷуда, ҳокимияти қонунгузор ва давлат тамоми саъю кӯшишро ба харҷ медиҳад, ки қонунҳо дар амал ба халқ хизмат намоянд. Ба ин мақсад қонунҳое қабул карда мешаванд, ки дар баробари танзими доираҳои муайяни муносибатҳои ҳуқуқӣ чунин амалҳоро нисбати дигар доираҳои муносибати байниҳамдигарӣ амалӣ менамоянд.

Маҳз барои ҳалли масъалаҳои номбаршуда Консепсияи рушди қонунгузории ҶТ коркард карда шудааст. Консепсияи мазур бо мақсади таъмини иҷрои талаботи Конститутсияи ҶТ ва ҳалли масъалаҳои муҳимми низоми қонунгузории ҶТ, муайян намудани самтҳои асосӣ ва тарзу усулҳои такмили қонунгузорӣ тибқи принсипҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ таҳия карда шудааст.

Самтҳои афзалиятноки Консепсия баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва татбиқи самарабахши онҳо дар ҳаёти ҷомеа буда, ба чунин мақсадҳо равона шудааст:

- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти давлат, манфиатҳои миллӣ ва амният;
- якпорчагии давлат, барқарор ва инкишофи сулҳ, муносибатҳои дӯстона ва некӣ бо ҳамаи давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ;
- таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ;
- такмили ислоҳоти ҳуқуқӣ бо дарназардошти рушди ҷомеа, баланд бардоштани дониши касбӣ ва маърифати ҳуқуқӣ;
- рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, аз ҷумла гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, озодии эътиқод ва изҳори ақида, сухан ва такмили дигар унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;
- пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, аз ҷумла коррупсия, терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон ва ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ;
- ҳалли ҷиддии масъалаи таъмини ҳамоҳангиву мувофиқати тамоми қонунҳо ва мутобиқати онҳо бо Конститутсияи ҶТ;
- аз байн бурдани ихтилофоти санадҳои қонунгузорӣ ва таъмини ҳамоҳангӣ ва фазои ягонаи қонунгузорӣ дар Тоҷикистон;
- бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни ҷомеа, ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ такмили қонунҳои амалкунанда, таҳия ва қабули қонунҳои нав;
- ҷиҳати баланд бардоштани сифатнокии қонунҳо ҳангоми такмил додани қонунҳои амалкунанда ва таҳияи лоиҳаи қонунҳои нав гузаронидани экспертизаи илмию ҳуқуқӣ, зиддикоррупсионӣ, гендерӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- мутобиқ намудани қонунгузории ҶТ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ;
- мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Ҳамзамон, тавре дар Консепсия қайд карда шудааст, ислоҳот дар соҳаи эҷоди қонунҳо ва ҳуқуқ, ки баъди қабули Конститутсияи навини Тоҷикистон оғоз гардидааст, дар доираҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, мадании ҷомеа номутаносиб инкишоф меёбад.

Агар ин ислоҳот дар соҳаҳои асосҳои сохти конститутсионӣ, мудофиа, бехатарӣ ва муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ, адлия, дар сохторҳои қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ нисбатан бештар эҳсос шавад, пас дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, молия ва қарз, системаи андоз, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, суғурта ва ҳифзи иҷтимоӣ, дар соҳаҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёт, аз ҷумла дар соҳаи энергетика, саноат, сохтмон, нақлиёт, алоқа ва маҷмӯи саноати кишоварзӣ мушкилоти зиёде вуҷуд доранд, ки танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд.

Аз ин сабаб, дар асоси Консепсияи рушди қонунгузории ҶТ шаш барномаи давлатӣ оид ба татбиқи он, аз ҷумла дар соҳаи сохтори давлатӣ, рушду ислоҳоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният, дар соҳаи кишоварзӣ ва дар соҳаи муҳофизати муҳити атроф, дар соҳаи қонунгузории шаҳрвандӣ ва соҳибкорӣ, дар соҳаи молия, андозситонӣ, фаъолияти гумрукӣ ва бонкӣ, дар соҳаи таъминоти ҳуқуқии муносибатҳои байналхалқӣ, инчунин дар соҳаи қонунгузории меҳнатӣ ва иҷтимоӣ қабул карда шуданд, ки барои некуаҳволии давлати ҷавони соҳибистиқлоли мо хизмат мекунанд.



**Бахтиёр ШАМОЛОВ**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният**

Ҳамин тариқ, амалигардонии Консепсия ба низоми муътадилии қонунгузорӣ мусоидат менамояд. Қонунгузории ҶТ асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро таҳти танзим қарор дода, рушду такомули минбаъдаи чунин муносибатҳоро фароҳам меоварад.

# ПЕШНИҲОД БА КОДЕКСИ МАНЗИЛ



**Соҳибҷон АБЗАЛОВ**
**донишҷӯи соли 5**

Дар замони муосир бо пешрафту тараққиёти илму техника, соҳаи шаҳрсозию меъморӣ низ инкишоф ёфта, таъсири худро ба муносибатҳои ҳуқуқи манзил низ расонидааст. Имрӯзҳо дар амалия навъҳои гуногуни манзили истиқоматӣ ба миён омада истодааст. Як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҶТ амал мекунанд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ҳуқуқи манзил танзим менамоянд. Аз он ҷумла, Конститутсияи ҶТ, Кодекси манзили ҶТ, Кодекси граждании ҶТ, Кодекси шаҳрсозии ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил», Қонуни ҶТ «Дар бораи сохтмони манзили шахсӣ», Фармонҳои Президенти ҶТ, Қарорхои Ҳукумати ҶТ пешбинӣ шудаанд. Мутаассифона, дар ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ мафҳумҳои асосӣ оид ба бинои истиқоматӣ, хона (квартира), ҳавлӣ дода нашудааст. Санади асосӣ дар бахши танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳуқуқи манзил ин кодекси манзили ҶТ мебошад, ки ҳанӯз 12 декабри соли 1997 қабул гаштааст ва аксарияти меъёрҳои он ба замони имрӯза ҷавобгӯ нестанд. Мо танҳо симои шаҳри Душанберо дар соли 2017 бо солҳои 1997 муқоиса кунем, тамоман дигаргун гашта, объектҳои гуногун бо тариқи сохтмонҳои наву муосир ба миён омадаанд, аз он ҷумла манзили истиқомати дар болохона (мансарда) ва ё осмонбӯс (пентхаус) ва ғайра. Кодекси манзили ҶТ бо лоиҳаи нав дар арафаи қабул қарор дорад, агар мо лоиҳаи навро қабул карда, меъёрҳои ба талабот ҷавобгӯ набударо тағйир диҳем, аз он ҷумла мафҳумҳои бинои истиқоматӣ, ҳавлӣ, хона (квартира), пешайвон, болобар (лифт), бомхона, таҳхонаро дуруст муайян карда, ҷойгир кунем барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳуқуқи манзил ва дар ҳалли дурусти баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ мусоидат карда метавонанд.

Имрӯз дар амалия баҳсҳои гражданӣ байни соҳибмулкони манзил дар биноҳои истиқоматии бисёрҳуҷрагӣ (квартираҳо) ба чашм мерасад, ки ин ҳам аз пурра ва равшан набудани мафҳумҳои дар боло қайдшуда шаҳодат медиҳад. Мисол, дар ҳолате ки бомпӯши бинои истиқоматӣ харобу фарсуда мешавад, дар фаслҳои тирамоҳ, зимистон, баҳор дар раванди боришоти барфу борон обҳо ба манзили истиқоматӣ ҷорӣ мешаванд, соҳибмулкони манзил чунин ақида доранд, ки гӯё танҳо соҳибмулки дар ошёнаи болоӣ қарордошта уҳдадор аст, ки таъмири бомпӯшро гузаронад. Ё ин, ки дар ҳолати хароб гаштани қубурҳо дар таҳхона соҳибмулкони манзил чунин ақида доранд, ки гуё соҳибмулки дар манзили якум қарордошта уҳдадор аст, ки таъмири қубурҳоро анҷом диҳад. Баръакси ҳолат низ ҷой дорад, ки соҳибмулкони манзили дар ошёнаҳои болоӣ ва якум чунин ақида доранд, ки гӯё бомхона танҳо ба соҳибмулки ошёнаи болоӣ ва таҳхона ба соҳибмулки ошёнаи якум тааллуқ дошта бошад, ки ин ҳам ғалат аст. Зеро қонунгузор онҳоро барои истифодаи умумии соҳибмулкони манзил пешбинӣ мекунад ва соҳибмулкони манзил ҳуқуқи истифодабарии баробар ва уҳдадории яхкела барои нигоҳубин доранд.

Дар ҳалли баҳсҳои оилавӣ ва баррасии парвандаҳои оилавӣ муайян кардани мафҳумҳо низ метавонад мусоидат кунад. Мисол дар тақсими молу мулки муштараки ҳамсарон ва ё инки дар баҳсҳои аъзои оилаи молик эътироф (маскун) кардан, ки ин ҳам бошад яке аз проблемаҳои ҳуқуқи манзили ҶТ мебошад.

Пеш аз ҳама бояд мафҳумҳои бинои истиқоматиро аз манзили истиқоматӣ ва ҳавлиро аз хона (квартира) фарқ карда, онҳоро инчунин бо мафҳумҳои осмонбӯс (пентхаус), ҳуҷра, пешайвон, бомпӯш, таҳхона, болобар (лифт) ва таваққуфгоҳи зеризаминӣ набояд омехта кард. Ҳарчанд мафҳумҳои асосии дар ин ё он қонун пешбинигардида ҳамаҷониба тамоми паҳлуҳои падидаи тавзеҳшавандаро ифода карда натавонанад ҳам, аммо қисман маъноро медиҳанд. Муҳим он аст, ки мафҳум ё истилоҳ гӯшнавоз гардад ва дар зеҳни мардум нишинад, пасон таъиноташро иҷро мекунад.

Мафҳуми бинои истиқоматӣ нисбати мафҳуми манзили истиқоматӣ васеъ буда, дар дохили бинои истиқоматӣ метавонад як ё якчанд манзили истиқоматӣ ҷой дошта бошад. Аз он ҷумла, ҳавлӣ, хона (квартира), ҳуҷраро дар бар гирад. Фарқ миёни хона (квартира) ва ҳавлӣ низ мавҷуд аст, ки бояд мо ин фарқиятҳоро ба назар гирифта, мафҳуми хонаро алоҳида ва мафҳуми ҳавлиро алоҳида пешбинӣ кунем.

**Фарқияти хона (квартира) аз ҳавлӣ чунин аст:**

1. Хона (квартира) дар дохили як бино ҷойгир аст, ки дар он бино якчанд хонаи дигар низ ҷойгир мебошад. Ҳавлӣ бошад, дар алоҳидагӣ дуртар аз ҳамсоягон дар сарҳади муайян ва дар қитъаи замини муайян ҷойгир аст.
2. Агар масъалаи коммуникатсияро дар хона (квартира) назар кунем, аз як қубур ҳамагон истифода мебаранд, аммо дар ҳавлӣ бошад, дар алоҳидагӣ истифода мешавад.
3. Бо даромадгоҳҳо фарқ мекунанд, ки дар хона (квартира) даромадгоҳ асосӣ якто мебошад, ки ин даромадгоҳи подъезд буда ва даромадгоҳи хона низ якто аст, ки дар наздикии зич бо даромадгоҳи ҳамсоягон ҷойгир аст. Дар ҳавлӣ бошад, даромадгоҳи асосӣ дарвоза буда, метавонад ду ва зиёда аз он бошад, даромадгоҳ ба ҳавлӣ низ метавонад якчандто бошад.
4. Бо тарзи доштан, истифода бурдан, ихтиёрдорӣ намудан фарқ мекунанд, ки дар хона (квартира) бомпӯшҳо, таҳхонаҳо, зинаҳо, роҳравҳо, боғчаҳои назди бино, барои истифодаи умумии соҳибмулкони манзил пешбинӣ шудаанд, ки танҳо ҳуқуқи истифодабариро доранд. Дар ҳавлӣ бошад, ҳамаи инҳо ба як соҳибмулк пурра тааллуқ доранд.
5. Бо доштани қитъаи замин фарқ мекунанд, ки барои хона (квартира) замини назди ҳавлигӣ пешбинӣ нашудааст. Ҳавлӣ бошад, дорои қитъаи замини муайян мебошад.
6. Аз рӯи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда ва дигар ҳуҷҷатҳо фарқ мекунанд, ки хона (квартира) метавонад дорои шиносномаи техникӣ, китоби хона ва яке аз шартномаҳои




ҳуқуқи гражданӣ бошад (шартномаи хариду фурӯш, ҳадя, таъминоти якумрӣ бо саробонӣ, мубодила, бо тариқи мерос) ва ғайра, яъне асосан квартира дорои ду ҳуҷҷат мебошад. Ҳавлӣ бошад, дорои қарор оид ба ҷудо намудани қитъаи замини назди ҳавлигӣ, сертификати ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин, шаҳодатнома ба саҳми замин, шиносномаи техникӣ ва яке аз шартномаҳои ҳуқуқи гражданиро низ дорад.

7. Бо ҷойгиркунии баъзе объектҳо фарқ мекунанд, ки дар дохили хона (квартира) таъсиси ҳавзи шиноварӣ, боғҳо, суҳбатгоҳ, таваққуфгоҳ, амборхона роҳ дода намешавад ва ғайриимкон аст. Дар ҳавлӣ бошад, соҳибмулк ҳуқуқ дорад, ки бо гирифтани иҷозатномаи мақомоти дахлдор чунин объектҳоро пешбинӣ кунад.

Ҳамаи ин фарқиятҳоро мо бояд пурра омӯхта, боз ҳам барои дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои ҳуқуқи манзил дар замони муосир чунин мафҳумҳоро дар Кодекси манзили ҶТ пешбинӣ намоем:

**Майдони истиқоматӣ** майдони алоҳидае мебошад, ки амволи ғайриманқул ба ҳисоб рафта, барои истиқоматӣ доимии шаҳрвандон мувофиқ буда, ба талаботи санитарӣ, техникӣ ва шаҳрсозӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Бинои истиқоматӣ** объекти мустақил буда, хусусиятҳои худро дошта, аз якчанд хона ва ё як хонаи истиқоматӣ иборат мебошад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон пешбинӣ шудааст ва ба қоидаҳои санитарӣ, техникӣ ва шаҳрсозӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Хона (квартира)** майдони алоҳидаи истиқоматӣ буда, дар бинои истиқоматӣ ҷойгир мебошад, ки барои зиндагонии доимӣ пешбинӣ шуда, ба қоидаҳои санитарӣ, техникӣ ва шаҳрсозӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Ҳавлӣ** майдони алоҳидаи истиқоматӣ дар замин аз дигар объектҳо дар масофаи муайян сохта шуда, дорои қитъаи замини муайяне мебошад, ки дорои ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда (қарор, сертификати ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин, шаҳодатнома ба саҳми замин) мебошад, барои зиндагонии доимӣ пешбинӣ шуда, ба коидаҳои санитарӣ, техникӣ ва шаҳрсозӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Осмонбӯс (пентхаус)** манзили истиқоматие мебошад, ки дар ошёнаи болои бинои истиқоматӣ ҷойгир мебошад, барои тамошои кӯча ва ё шаҳр инчунин ташкили боғчаҳои сунъӣ ҳавзчаҳои шиноварӣ пешбинӣ шудааст.

**Ҳуҷра** қисми бо девор ҷудошудаи хона (квартира) ва ҳавлӣ мебошад, ки бо мақсади истиқомат истифода мешавад.

Пешайвон қисми берунии бинои истиқоматӣ буда, барои истироҳату фароғат истифода мешавад.

**Зинапоя** унсури функсионалие мебошад, ки аз зиначаҳо иборат буда, барои баромадан аз як ошёна ба ошёнаи дигари манзили истиқоматӣ истифода мешавад.

**Болобар (Лифт)** машинаи электрикие мебошад, ки дар дохили бинои истиқоматӣ ва ё дар паҳлуи он насб карда шуда, барои баромадан аз як ошёна ба ошёнаи дигар ва барои кашонидани молҳо ва дигар ашёҳо истифода мешавад.

**Бомпӯш** қабати болои бинои истиқоматӣ мебошад, ки барои муҳофизат аз нурҳои офтоб, барфу борон ва аз хароб нагаштани бино пешбинӣ шудааст.

**Таҳхона** қабати поёнии бинои истиқоматӣ мебошад, ки аз сатҳи замин пасттар ҷойгир буда, барои ташкил кардани баъзе намудҳои истироҳатию фароғатӣ ва ё баръакс барои ҷойгир намудани таҷҳизотҳои коммуникатсионӣ (қубурҳо, таҷҳизотҳои барқию гармидиҳӣ) истифода мешавад.

**Таваққуфгоҳи зеризаминӣ** майдони алоҳидаи муайяне мебошад, ки дар ошёнаи зербино сохта шуда, барои нигоҳ доштани воситаи нақлиёт ва дигар техникаҳо истифода мешавад.

**АЗ РЕДАКСИЯ:**

**Санаи 28-уми апрели соли 2017 муаллифи мақола, Соҳиб Абзалов дар 4-умин конференсияи илмӣ-байналмилалии донишҷӯён, ки бахшида ба соли ҷавонон таҳти унвони «Вазъ ва тамоюли муосири инкишофи қонунгузории ҶТ ва кишварҳои ИДМ» дар Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия баргузор гардид, бо мавзӯи мазкур баромад намуда, бо сертификати чорабинӣ сарфароз гардид. Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» Абзалов С.-ро бо ин муваффақияташ табрик намуда, дар симои ӯ ба тамоми донишҷӯён чунин комёбиҳоро орзу менамояд.**

# ҒАЛАБА БАР ФАШИЗМ



Юсуфшоҳ КАРИМОВ
донишҷӯи соли 2

Таърих ин як қисми ёди халқ аст, ки бо ҳама хубу бадҳояш, бо ҳама пасту баландиҳояш, бо шахсиятҳои оқилу доnояш ва бо нишонаҳои хоси худ дар ҳар давру замон дар ёди ҳамагон боқӣ мемонад. Тоҷикон ҳамчун халқи мутамаддин, дорои фарҳанги баланди давлатдори буда, дар саҳифаҳои таърихӣ дар ёди ҳамзамонону дар сабти қаламкашон боқӣ мондааст.

Як саҳифаи гардондашудаи ба таърих рафтаи халқи тоҷикро Тоҷикистони шӯравӣ дар бар мегирад, ки ин давра барои халқи тоҷик, давраи пур аз тазоддҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва инсонист. Маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ саҳаҳое ҳастанд, ки бо гузашти вақт аҳамият ва бузургии онҳо боз ҳам бештар мегардад. Метавон «Рӯзи Ғалаба»-ро дар радифи ин гуна санаҳои фаромӯшнашаванда мақом диҳем, ки то ҳанӯз аз ёди аҳли башарият, аз ҷумла, Тоҷикистониён низ нарафтааст. Воқеан ҳам Рӯзи Ғалаба як саҳифаи пурифтихори таърихи мост, ки дар он корнамоиҳои ибратомӯз ва қаҳрамонию мардонагии падарону бобоёни мо дар майдонҳои ҳарбу зарб бо хатти заррин сабт шудааст.

9 майи соли 1945, яъне 72 сол муқаддам таърихи инсоният ба яке аз ҷангҳои даҳшатноктарин ва фоҷиабори асри XX хотима бахшид. Сабаби асосии сар задани Ҷанги Бузурги Ватани, пеш аз ҳама вуҷуд доштани зиддияти байни сохторҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, мадании бо ном сотсиалистӣ, ки ба моликияти умумихалқӣ-давлатӣ ва коперативӣ-колхозӣ ва ҳамчунин давлат ва ҳукумат ба давлат ва ҳукумати ба диктатураи авомонаи синфи коргару деҳқон ва зиёии аз онҳо баромада ва ба назарияи марксистӣ-ленинии хусусияти ҷаҳонӣ гирифтаистода такя дошта ва ҷаҳони капиталистӣ-буржуазии ба капитал ва зурӣ асосёфта ба ҳисоб мерафт. Сабаби дигари ин ҷангро шароити мусоиду фазои байналмиллалии Германия, ки онро ба ҷанги зидди ИҶШС ҳидоят мекарданд ва шароити вазнини дохилии ба таъқиботи сталинӣ гирифтору аз ҷиҳати ҳарбӣ ба ҷанги калон тайёрнабудани ИҶШС ташкил медод. Вале бо вуҷуди ин мардуми меҳнаткашу ватандӯсти ИҶШС тавонист, ки муттаҳид шуда, бар зидди Германияи фашистӣ муқобилият нишон диҳад ва ғалабаро ба даст орад. Ин ғалаба озодии истиқлолро на танҳо барои собиқ халқи Шӯравӣ ҳифз намуд, балки тамоми мардуми Аврупоро аз вабои фашизм наҷот бахшид.

Дар ин ҷанги ҷаҳонӣ Тоҷикистон садҳо ҳазор фарзандони худро талаф дод, қисме аз онҳо дар қабристонҳои бародарӣ дар хоки Россия, Украина, Белорус, Молдавия ва дигар ҷойҳое ки муҳорибаҳо гузашта буданд, дафн шуданд. Фиристодагони Тоҷикистон дар ин муҳорибаҳо ва озод кардани халқҳои Аврупо аз фашистон диловарона иштирок намуда, аз худ қаҳрамонии бемислу монанд нишон доданд. Умуман дар муҳорибаҳои ҶБВ беш аз 260 ҳазор фиристодагони Тоҷикистон иштирок намуда, беш аз 92 ҳазор нафарашон дар майдонҳои набард ҳалок шуданд.

Бояд қайд кард, ки дар баробари фиристодагони тоҷикистонӣ, мардуми меҳнаткаши Тоҷикистон дар мустаҳкам намудани ақибгоҳ ба қисмҳои ҳарбӣ содиқона ёри мерасониданд. Хусусан дар солҳои ҷанг барои ҷангаварон сару либос, озуқаворӣ, аслиҳаи ҷангӣ мефиристоданд, ки ин таҳти шиори «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба» сурат мегирифт.



Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки ҳарчанд аз анҷоми ҶБВ 72 сол гузашта бошад ҳам қаҳрамонию далерӣ диловарию родмардонагии ин ҷанговорон аз ёдҳо нарафтаанд. Корнамоиҳою диловариҳои фарзандони ба ору номуси ин солҳо намунаи ибрати наслҳои зиёди имрӯзаву оянда хоҳад буд. Баъди ба даст овардани Истиқлолият 9 сентябри соли 1991 дар ҶТ ҳар сол 9 май дар фазои ободу озоди ватан ҳамчун рузи Ғалаба мутантан ҷашн гирифта мешавад. Хусусан аз ҷониби роҳбарияти ҳукумат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои беҳтар намудани шароити зисту зиндагии собиқадорони ҷангу меҳнат тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Зеро ҷангаварони ҶБВ посдори анъанаҳои пуршарафи гузашта, тимсоли мардонагӣ ва меҳанпарастӣ мебошанд. Корнамоиҳои онҳо барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, ифтихори миллӣ ва хештаншиносии онҳо нақши асосӣ дошта, як бори дигар моро водор менамояд, то сулҳу оромие, ки ҳозир дар ватани мо ҳукмрон аст ба қадри он расем ва барои ҳифзи озодию ободии он кӯшиш намоем.

Ғалаба бар фашизми истилогар фархунда бод!

# КОРРУПСИЯ – ВАБОИ АСР



Баҳодури ВАЛӢ
донишҷӯи соли 3

Коррупсия зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ мебошад. Аз таърихи давлатдорӣ маълум аст, ки ин зуҳурот дар раванди пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ сар мезанад. Коррупсия падидаи бисёрсамта (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ) буда, моҳиятан ҷанбаи манфии ҷамъият мебошад. Ин амали ношоиста болоравии иктисодиёт ва некуаҳволии иҷтимоиро боз медорад, боварии шаҳрвандонро аз ҷомеа ва давлат коста мегардонад. Агар ин амалҳои зишту нопоки коррупсиониро вабои аср гӯем ҳам хато намекунем, чунки ин амали фасод ҷаҳонро ба такон даровардааст.

Коррупсия падидаи нав набуда, бо маънои васеи худ зуҳуроти номатлуби иҷтимоиест, ки ба дастгоҳи идоракунӣ зарари бузург расонида, ба фасоди ҳокимият оварда мерасонад. Маъмурони давлатӣ бо суиистифода аз мансаб ва мақоми худ барои ба даст овардани фоида ва бо роҳи ғайриқонунӣ аз худ кардани воситаҳои оммавӣ ба корҳое даст мезананд, ки натиҷаи ниҳоии он ба амнияти давлат ва ҷомеа таъсири амиқе ворид месозад. Шахси мансабдор чунон тасмим мегирад, ки он аз ҷониби ҷомеа ва аз назари ахлоқ пазиро набуда, бар хилофи тартиби муқарраргардидаи ҳуқуқ ва ахлоқ мебошад ва қарори қабулнамудаи он сараввал қонун ва баъдан меъёрҳои ахлоқии ҷомеаро халалдор сохта, барои ришваситон ва ришвадиҳанда фоида ва имтиёзҳои ғайриқонунии фаровонеро ба бор меоварад.

Истилоҳи «коррупсия» имрӯзҳо ба таври фаровон дар ВАО, радио, телевизион ва асарҳои илмӣ истифода мегардад. Доир ба масъалаи шарҳи мафҳуми ин падида дар маъхазҳои илмии даҳлдор маънидодкунии мухталиф ба назар мерасад. Дар ҳуқуқи римӣ ибораи «Cөrrumpere» маънои шикастан, нобуд кардан, зарар расонидан ё пароканда сохтанро дошт. Ин истилоҳ аз калимаи лотинии «Cөrrei», якчанд иштирокчӣ аз як тарафи муносибатҳои уҳдадорӣ оид ба як предмет ва «Rumpere» шикастан ба вуҷуд омада, фаъолияти гурӯҳеро ифода месохт, ки ба вайрон намудани мурофиаи судӣ ё ҷараёни корҳои ҷамъиятӣ равона шуда буд.

Вобаста ба ин дар ҶТ Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», ки аз 25-уми июли соли 2005 қабул гаштааст, чунин мафҳуми коррупсияро додааст: коррупсия ин кирдор (ҳаракат ё беҳаракати)-и шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлати ваколатдор ё ба онҳо баробаркардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартариат ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъматҳо, бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) кадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ, мебошад (моддаи 1).

Агар ба дохили ин мафҳум нигарем, пас маънои оддии он ҷараёни «хариду фурӯш»-и шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробаркардашуда, ки ин ваколат ба онҳо чун иҷрокунандаи функсияи давлатӣ вогузошта шудааст, бар ивази ришва ё ягон амал мебошад. Аз ин бармеояд, ки дар ин ҷараён (коррупсия) ду тараф иштирок мекунад: яке «мехарад» (шахсони воқеию ҳуқуқӣ) ва дигаре «мефурӯшад» (шахси мансабдор).

Яке аз проблемаҳои замони имрӯза пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия мебошад. Коррупсия ин зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ мебошад, ки муносибати махсус ва муқобилияти комплексӣ ва оперативиро талаб менамояд. Таъсири номатлуби коррупсия дар раванди рушди иқтисодию иҷтимоӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, боварии шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ, таҳияи сиёсати зиддикоррупсиониро дар миқёси умумимиллӣ талаб менамояд.

Масъалаи мубориза бо коррупсия дар тамоми давлатҳои ҷаҳон ба роҳ монда шуда, таваҷҷуҳи ҷаҳониён ва ташкилотҳои бонуфӯзи байналмилалиро дар қатори мубориза алайҳи терроризм, экстремизм ва маводи мухаддир афзун мегардонад.

Аз он рӯзҳои аввале, ки ҶТ истиқлолияти сиёсии худро ба даст овард, ҳамаи мақомоти ҳокимият, махсусан Президенти мамлакат барои мубориза ба ин зуҳуроти номатлуб чораҳои зарурӣ андешиданд. Ба давраи сифатан нави мубориза бо коррупсия Фармони Президенти ҶТ аз 21 июли соли 1999 №1202 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» ибтидо гузошт. Дар ин давра Қонунҳои ҶТ «Дар бороаи мубориза бар зидди коррупсия», «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи хусусигардонӣ», «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», Кодекси гумрук, андоз, меҳнат, гражданӣ ва Кодекси ҷиноятии ҶТ қабул гардиданд. Инчунин, чораҳои таъмини шаффофият ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ қабул гардид ва уҳдадории ҳар як хизматчии давлатӣ барои пешниҳоди эъломия дар бораи даромад ва амвол муқаррар карда шуд.

# БОБОИ ҚАҲРАМОНИ МАН



Лутфия КАТАХОНОВА
донишҷӯи соли 1

**Дар ҷаҳон натвон**
**агар мардона зист,**
**Ҳамчу мардон ҷон**
**супурдан зиндагист.**

Имсол аз ғалаба дар ҷанге, ки онро дар таърих ҳамто набуду сафҳаи таърихи башарият онро бо номи Ҷанги Бузурги Ватанӣ сабт намудааст, 72 сол сипарӣ шуд. Дар ин ғалабаи оламшумул дастаи бузурги далерони тоҷик, дар зери шиори «Ҳама сар ба сар тан ба куштан дихем, Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем» нақши шоиста гузоштаанд, ки яке аз ин бузургмардон Салоҳиддин Шоев буд.

Салоҳиддини ҷавон соли 1941 баробари шунидани хабари шуми ҷанги хонумонсӯз ихтиёрӣ ба ҳифзи Ватан бархост. Аввал, дар шаҳри Тошканд таълими ҳарбию ҷангӣ гирифта, баъд ба муҳорибаҳои Курск ва Сталинград сафарбар карда шуд. Ӯро сардори гурӯҳи пулемётчиён таъин намуданд. Дар артиши 37-уми фронти Кавказаи Шимолӣ ҷангро давом додааст. Дар ин радиф сарбозони шуҷоъ супориш гирифтанд, ки самти Ставрономро ҳифз намоянд, вале қувваҳо нобаробар буд. Фашистон тамоми ағбаҳои кӯҳиро ишғол карданд. Мудати ним сол сарбозон бо душман истодагарӣ намуда, қаҳрамониҳо нишон доданд. Дар ин ҷанги нобаробар, ки қувваи душман хеле зиёд буд, Салохиддин шерона ҷангида ба медали «Барои муҳофизати Кавказ» сарфароз гардид.

Қувваҳои душман дар ағбаҳои Кавказаи Шимолӣ рӯз то рӯз заиф гашта, талафоти калон медиданд. Баъдан, амалиёти Висла Одер оғоз гардид. Аскарони муҳофиз кисмҳои парокандаи душманро торумор карда ба соҳили Одер баромаданд.

Далерию мергании Салоҳиддинро ба назар гирифта, сардори штаби ҷангӣ ӯро ба наздаш хонда гуфт: Мерган будаед мебинем, ки дар муҳорибаҳо тиратон ба нишон мерасад. Ҳоло бошад, ҳунари ҷангии Шумо барои мо лозим аст. Дзоти душманро аз кор баровардан лозим аст.

– Фаҳмидам рафиқ командир! Иҷозат диҳед амал кунам – гуфт Салоҳиддин!

– Амал кунед, ҷанговари қаторӣ Хреноврo ҳамроҳ гиред.

Ҳарду сарбоз бо як далерию мардонагӣ ин дзоти душманро хомӯш карда ба сарбозон роҳ кушоданд.

Барои амалиёти берунӣ қисмҳои махсуси ҷангии мо аз ҳисоби тирандозони дивизияи 266-уми бригадаи 220-уми алоҳидаи танкҳои вазнини полки 489-уми миномиётӣ, қисми 5-уми сарбозонро ташкил доданд. Шоев С. ба қисми 5-уми зарбазан дохил шуд. Нихоят 31-уми январи соли 1945 дастаи пешсаф аз дарёи Одер гузашт ва дар гирду атрофи Кинитс-Гроссе Найндорф-Рефелд мавқеашро ишғол кард. Сарбозон аз Берлин ҳамагӣ 70 км дуртар қарор доштанд. Хуҷуми қушунҳои мо аз Вислото Одер намунаи дурахшони амалиёти калонтарини ҳуҷуми стратегӣ буд.

Рӯзи ғалаба бар фашизми гитлерӣ фаро расид. Каҳрамони ҷанг Салоҳиддин Шоев барои иштирок кардан дар аввалин паради ҳарбӣ дар Майдони Сурх ба Москва фиристода шуд. Пас аз тантанаи Иди ғалаба ӯ ба зодгоҳаш баргашт. Хизматҳои ҷангии ӯро қадр намуда, дар рафти ҷанг ӯро бо ду ордени «Ситораи Сурх», «Ордени Шараф», медал барои гирифтани «Будапешт», медал барои «Ғалаба бар Германия» ва дигар ордену медалҳо сарфароз гардониданд.

Баъд аз ҷанг мактаби ҳизбии Шӯравиро хатм карда, ба ноҳияи Комсомолобод омада, ба корҳои ободонӣ фаъолона камар баст. Дар ҳамин ҷо ба ҳайси котиби кумитаи ҳизбии ноҳия адои вазифа намудааст. Сипас барои кори ҳизбӣ ба ноҳияи Шаҳритус фиристода шуд. Дар ин ҷо, ӯ дар вазифаҳои котиби ҳизб, котиби ташкилоти ҳизбӣ ва роҳбари хоҷагӣ шуда кор кард.



Зиндагиномаи ин пири хирад мактаби бузурги рӯзгор аст. Меҳрубонӣ, нексириштӣ, хайрандешӣ ва дигар хислатҳои неки ӯро ҳамдиёронаш ба хубӣ ёд мекунанд. Салоҳиддин Шоев дар умри бобаракати худ 10-фарзанди наку ва корҳои неке боқӣ гузоштааст.

Дар бораи чунин одамон шоир хуб фармудааст:

**Зиндаву ҷовид монд ҳар**
**ки накуном зист,**
**К-аз ақибаш зикри хайр**
**зинда кунад номро.**

# ИФРОТГАРОӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ҶОМЕА



Меҳрангез САМАДОВА
донишҷӯи соли 3

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ таъкид намуданд, ки роҳбарон ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бояд дар иҷрои вазифаву уҳдадориҳои хизматиашон доимо ҳушёру зирак бошанд, барои таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи суботу оромии ҷомеа бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир – терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии моводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳо қотеона мубориза баранд. Имрӯз, терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст.

Бояд зикр намуд, ки мақсади гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ вайрон кардану халалдор сохтани сулҳу ваҳдати миллӣ, ноором сохтани зиндагии осоиштаи мардум ва аз таълиму тарбия дур мондани ҷавонону наврасон мебошад. Маҳз ҳамин амалҳои хусусияти террористиву экстремистидошта боиси



аз соҳаҳои маориф, тандурустӣ, иқтисодиёт, техника ва технологияи муосир дур мондани ҷомеаи муосир мегардад. Бояд қайд кард, ки ин амалҳо на танҳо сулҳу ваҳдати як давлатро халалдор месозанд, балки дигар кишварҳои ҷаҳонро ба ташвиш меоранд.

Сабабҳои пайдоиши терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) ва даст задани шаҳрвандон ба он ин паст будани сатҳи дониши диниву дунявӣ, маърифати ҳуқуқӣ, вазъи моддӣ, мушкилиҳои оилавӣ, дар сатҳи паст қарор доштани фарҳанги иттилоотӣ ва паст будани сатҳи шуури ҷомеа мебошад. Амалҳои террористиву экстремистӣ бештар дар давлатҳои Ироқ, Сурия ва Яман дида мешавад, ки мақсади ягонаи онҳо барпо намудани ҳокимият зери ниқоби ислом ва сипас ба тамоми ҷаҳон таҳмил намудани он.

Аксарияти шахсоне, ки дар амалҳои террористиву экстремистӣ иштирок мекунанд, ҷавонон мебошанд. Барои пешгирӣ намудани шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна гурӯҳҳои ифротгаро зарур аст, ки тавассути ВАО ва ё нишасту вохӯриҳо дар муассисаҳои таълимӣ бештар корҳои фаҳмондадиҳӣ, расонидани маълумот оид ба оқибатҳои манфии он ба роҳ монда шавад. Зеро ифротгароӣ ва терроризм вабои аср буда, ба ҷомеа хатари махсусан хавфнок доранд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии донишҷӯи курси 1-и шуъбаи рӯзонаи умумии факултети ҳуқуқшиносӣ Ҷураев Абдуназар Абдусаторович, бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Билети донишҷӯии донишҷӯи курси 1-и шуъбаи рӯзона, ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ Саидов Собирҷон Сайдаҳмадович, бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи соли 4-и шуъбаи рӯзонаи умумии факултети ҳуқуқшиносӣ Исмонова Тахмина Абдулазизовна, бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи соли 4-и шуъбаи рӯзонаи умумии факултети ҳуқуқшиносӣ Ҷураев Шоҳрух Баҳодурович, бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи соли 4-и шуъбаи рӯзонаи умумии факултети ҳуқуқшиносӣ Даминов Маҳмадӣ Шарифович, бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.



**Маъруф АШӮРОВ**
**донишҷӯи соли 3**

Мардуми шарафманди ҷумҳурӣ дар қатори тамоми халқҳое, ки солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ба муқобили фашизм мубориза бурдаанд, рӯзи Ғалабаро бо арҷгузориву қадрдонӣ аз корнамоиҳои ҷангиву ҷоннисориҳои фарзандони кишвар ва пос доштани хотираи неки онҳое, ки аз ҷанг барнагаштаанд, таҷлил менамоянд.

**фуруд меорем. Ёдашон ба хайр ва рӯҳашон шод бод!**

Асосан, асри XX бо вуҷуди дастовардҳои беназир, ҳамчун асри бузургтарин ҷангҳо ва шадидтарин муҳорибаҳои инсоният дар таърих сабт шудааст.

Ҷанги Дуюми Ҷаҳон аз ҷумлаи бузургтарин фоҷиаҳои башарият буда, 72 давлати хурду бузург ба гирдоби он кашида шуд. Бар асари муҳорибаҳое, ки 1418 шабонарӯз идома ёфт, беш аз 55 миллион одам қурбон, садҳо миллионҳои дигар гирифтори азобу маҳрумиятҳои мудҳиш шуда, ҳазорҳо шаҳрҳои хурду бузург хароб ва садҳо маркази нотакрори тамаддуни умумибашарӣ нобуд гардидаанд.

**Бо вуҷуди ҳазорҳо километр дур аз кишвари мо сурат гирифтани ҷанг, ба хотири пешгирӣ кардани хатари таҳдиди фашизм ба амнияти халқу Ватани мо дар он беш аз 300**



мушкилоту душвориҳои замони ҷанг супоришҳои давлатиро дар мавриди истеҳсоли маҳсулот сари вақт иҷро мекарданд. Худ гуруснаву пабараҳна буданд, вале ба хотири ғалаба ва ҳарҷи зудтар хотима ёфтани ҷанг тамоми неруву тавоноиашонро сарф карда, ҳатто ночизтарин сар-

**даро аз даҳшати фарогири нажодпарастӣ, миллатгароӣ ва тундравию зӯроварӣ наҷот бахшидаанд.** Имрӯз дар интиҳои даҳсолаи аввали асри XXI низ инсоният таҳти таъсири хатару таҳдидҳои умумибашарӣ, ба монанди терроризму экстремизм, ҷинояткориҳои трансмиллӣ, фа-

**муҳташами ахлоқ, ҳифзи ҷаҳони маънавии насли нав, пайдо кардани роҳҳои нави ҳамкориву ҳамдигарфаҳмӣ ва иқтидори ризоият, ташаккули эътимоди устувор ба оянда, густариши дӯстиву ҳамкорӣ рӯ орад, фарҳанги сулҳ ва муросову созишро қутб-**




**Иди Ғалаба барои мардуми сулҳдӯсти мо ва мардуми ҷаҳон ҷашни пирӯзӣ бар фашизм, яъне санаи ёдбуди хотираи неки қурбониёни ҷанги пурдаҳшати ҷаҳонӣ мебошад, ки ҷони худро барои ояндаи орому осоиштаи инсоният нисор кардаанд. Мо имрӯз ба хотири арҷгузорӣ ба азму ирода ва ҷасорату мардонагии фарзандони ҷонфидои халқи худ, ки ба хотири ҳифзи Ватан ба ҷабҳаи набардҳои шадид рафта буданд ва ба кору пайкори онҳое, ки бо заҳматҳои сангин дар ақибгоҳ, дар таъмини ғалаба саҳм гузоштаанд, сари таъзим**

**ҳазор нафар фарзанди халқи тоҷик низ иштирок карда, ҷасорату мардонагӣ ва қаҳрамонӣ нишон доданд.** Нақши мардуми тоҷик, ки дар ақибгоҳ низ бо фидокориву заҳматҳои шабонарӯзӣ дар таъмини ҷабҳаи набард бо аслиҳаву озуқа саҳми муносиб гузоштанд, назаррас ва шоистаи таъкид аст. Зеро дар солҳои ҷанг дар як муддати кӯтоҳ дар Тоҷикистон даҳҳо корхонаи саноатӣ ташкил шуда, ба истеҳсоли муҳимоти ҷангӣ ва маҳсулоти гуногуни ғизоӣ шурӯъ намуданд. Қувваи асосии кории он солҳо дар Тоҷикистон, асосан, занону наврасон ва пиронсолон буданд. Онҳо сарфи назар аз

вату дороиашонро ба ҷабҳа мефиристоданд. Ғалаба дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳон нишон дод, ки агар инсоният бар зидди ҳар гуна таҳдиду хатарҳои умумибашарӣ муттаҳид ва якдилу якмаром шавад, онҳоро ҳатман пешгирӣ ва бартараф карда метавонад. **Таърих ба мо маълум менамояд, танҳо муттаҳидиву дӯстии халқҳо, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳусни тафоҳуми миёни онҳо сулҳу суботи сартосарӣ ва пешрафту тараққиётро дар тамоми сайёра таъмин менамояд. Халқҳои гуногуни олам дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳон хатару таҳдиди фашизмро маҳв бо иттиҳоду сарҷамъӣ бартараф намуда, наслҳои оян-**

локатҳои экологиву офатҳои табиӣ ва паҳншавиҳои беморҳои муосири сироятқунанда қарор дорад. Яъне, воқеияти имрӯз – низову даргириҳои хурду бузург дар минтақаву кишварҳои алоҳидаи дунё, даҳшатафканиҳои терроризму экстремизм ва фоҷеаҳои экологӣ бошандагони шаш қитъаи оламро, сарфи назар аз нажод, эътиқоду мазҳаб ва низоми давлатдориву сохти сиёсӣ ҳушдор медиҳад, ки аз оқибатҳои хатару таҳдидҳои дар ҷаҳони муосир ҷойдошта андеша намоянд. **Имрӯз вақти он расидааст, ки башарият ба ҷои сарфу хароҷоти зиёд барои яроқу аслиҳаи ҳарбӣ ба таъмири бинои**

**намои пешрафти имрӯзу фардои худ қарор диҳад.** Ғалаба бар фашизм ҷашни муқаддас буда, инсониятро огоҳ месозад, ки барои тақдири сулҳ ва фазои орому осуда масъулияти бештар дошта бошад. Халқи мо дар баробари даҳшатҳо ва оқибатҳои ҷанги дуюми ҷаҳон оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро низ бо чашми худ дида, азобу маҳрумиятҳои зиёдро паси сар намуд. **Аз ин рӯ, наслҳои имрӯзу ояндаи кишварамонро мебояд, ки барои ҳифзу пойдории сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ кӯшишу талош намоянд.**

**72-СОЛАГИИ ПИРӮЗӢ БАР ФАШИЗМ МУБОРАК!**

## ҲЕҶ КАС ВА ҲЕҶ ЧИЗ ФАРОМӮШ НАШУДААСТ